**ГУЛНОЗ**

# ШАБ ДАР ПАСИ МАН БУД...

**Душанбе**
**«Адиб»**
**2011**

ББК 84 Тоҷик 7-5
Г-56

Муҳаррир *М. Акбарзод*

Г-56 **Гулноз. Шаб дар паси ман буд…** *(маҷмӯаи шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2011, 96 саҳ.

Фарогири маҷмӯа мавзӯъҳое ҳастанд, ки муаллиф сари ҳар кадоми он ба муроди афзуне фазои андешаро ба ҷавлон меоварад, то олами хешро созгор гардонад бо матолибу дархости хонандаи имрӯз.

ISBN 978-99947-2-085-9

© Гулноз, 2011.

# БАЪДИ ЯК АСР ТУ МЕОӢ…

*(дафтари шеъри сапед)*

## ҲАНӮЗҲО

Ҳанӯзам донаи сайёра меҷунбад
Ҳанӯзам қавм пешоруи аср озод мечархад
Ба истиқболи фардои тасодуф меравад таърих
Ҳанӯзам аз тилисми посдорони ҳақиқат мерасад ово
Ҳанӯзам байни уқёнусҳо як равзани сидқ аст
Ҳанӯзам хоб мебинам даре дашт
Ҳанӯзам бо ту дар оянда дорам зиндагии хуш
Ҳанӯзам ахтарон тифланд
Ҳанӯзам осмон дур аст
ҳанӯзам обҳо хубанд
ҳанӯзам баргҳои рӯи ҳавлӣ мисли дигар
Кафши зебои кабутарҳостанд модар
Талоши хӯрдани манро
ҳанӯзам сагчае бо ҳаҷми кафшам
мекунад такрор дар кӯча
ҳанӯзам марг мегӯяд
ҷавони ту
ҳанӯзам аз садои бешумори мобиле
дар хеш меафтам
ҳанӯз анбӯҳи мардум мебарад печида ӯро аз нигоҳи ман
ҳанӯзам қиссаи накшудае
дар назди оташдони қалбам интизори туст…
Садое ҷовидонӣ ҳаст
Ҳанӯзам зиндагонӣ ҳаст.

## ДАРАХТИ САНГИН

Боз ҳамон хона
Ва ҳамон суроби дарахт
Аз санги лоҷвард
Нақши панҷаҳои ту дар баргҳои сангин
Боз ҳамон фонуси овеза,ки нур мегиряд.

Дар ин доғгоҳ
Ба рӯҳам доғ гузошта буданд
Ки ғам маро накунад гум

Шатранҷи таваккул мебозам
Бо туе,ки нестӣ
Ба айвон нигоҳ мекунам
Ба шаҳре, ки дар он гуноҳ аст ранҷидан.
Ва манам нахустбонуи ранҷида.
Нигоҳ мекунам
Ба лонаи моҳтоби даруни абрҳо- нишемани лаҳзаҳои
сардшуда
Ба кӯчае, ки як саҳар
Ба сӯи панҷараи ман нигоҳкунон гузаштӣ.

Тарки орзу кардам
Рафтам аз тардид то фарёд
Теғи садо
Сар бурид чароғи талабро.
Саҳар ба деҳ меравам,
Чу Қайсари Аминпур,
Ба назди Худо.
Гузошта дар ин хона
Суроби чаноре аз оби дида.
Ки ба ҳар қатраи баргаш
акси чашмони ту боқист.
Ва натарсида
боз меоям….

## ЗАМИН ДАР ПАСИ МАН БУД

Вақте ки дастҳои нобиное
Садои фитодани тоҷи оташини моҳро
Ба фарши шишагии қалъае,ки нест,
Мекашиданд
Ва бод
Ситораҳоро фиребида мебурд
Сӯи таҳхонаи рози ғуруб,
Вақте ки орзу гиряро таваллуд карду мурд
Ва шаҳр бӯи шабдара кард
Ва мурғобиёни соҳил
Фароғате ғамнок доштанд
Ва баҳр кам-кам шомро мехӯрд,
Ва боғ
Зери ҳаври вазнин
Фикр мекард, ки субҳ дигарбора намеояд,
Ман шоир будам.
Шаб дар паси ман буд.
Боз оби сабзи хоб
Маро сӯи худ кашид.
Фурсати ғарқ гаштан
Ба ман мепечид
Ва ман бо лаҳзаҳо бегона мешудам.
Имшаб ману ту як хоб хоҳем дид.
Ман охир
Ба суроғи хобҳои ту фиристода будам
Хобҳоямро.

## БАЪДИ ЯК АСР ТУ МЕОЙӢ

Менишинам ба лаби соҳили оромиш
Охирин ашк даруни садафи кафҳоям
Боқии умр нигаҳ хоҳам дошт.
Ва ба зардолуи ёбойии танҳо
Назаре мебарам аз танҳойӣ,
То бубинам
Ки чӣ сон меафтад
Шилм аз пайкараи бебаргаш
Ва чӣ сон мавҷ варо мебарад аз соҳили дарёи
ҳаводис бар қаър
то бехабарӣ.

Баъди як аср ту меоӣ.

Қатраи ашк даруни садафи кафҳоям
Гавҳаре мегардад.
Қаҳрабо мешавад он шилм,ки бо рег
бипайваст дили уқёнус.
Баъди як аср ту меойӣ…

## МАНУ СОЛИ НАВЕМ ДАР ИСТГОҲИ АСР

…ва оби руди Сайҳун
кам шуду
вахми дили мурғобиён афзуд.

Дили ман низ кам мегардад аз ёдат.
Таваҳҳум мешавад афзун,
Ки дар он сӯи
барҳам хӯрдани фосилаи ҳиҷрон
шабе дар мазраи чашмони ту
парранда хоҳам шуд.

Чунон бо ёди дастони ту биншастам ба рӯи раҳ,
Ки фасли барф ҳам омад.
Дуруд,эй Барф!

Аё исторабони осмону лолабони кӯҳҳову посбони
ҷангалу дарё
Муборак бод фасли хаставу хомӯш!
Аё, эй хирсҳои ғори холибуда аз вақту ҳаёту нур,
Хоби хуш.

Рафиқи субҳ !
Пайғоме зи фасли ишқи худ овар,
Ки аз тобу тавони ҳарфи ту бори дигар
чун барфҳо мирам.

Ману Соли Навем дар истгоҳи Аср…
Қатора омад аз дури хиёбонҳову
аз ман ҳамсафарро бурд.
Ҳама рафтанд сӯи барфу
ман дар кӯчаҳои тирамаҳ мондам.

## НӮШОБАИ ТАҒЙИРИ ШАКЛ

Ин
нӯшобаи тағйири ашкол аст.

Баъди ҷуръае нӯшидан аз он
Чанд лаҳза
Тарҳи зебои кабӯтарро
ба худ гирам.
Ва пешорӯи ту
Дар моварои панҷара
Ором биншинам,

Ба шакли ҷоизи паррандае зебову бас маъсум.
Ва хуршеде,
ки дар минқори худ овардаам,
дар соҳати мизи ту бигзорам.

Маро зинҳор нашносӣ,
ки дигар ҳеҷ натвонам
ба асли хеш баргаштан.

## ШӮЪЛАЕ ДАР САДАФ

Туро нафас кашид.
Гум гашт.
Дашт шуд.
Касе ба ӯ омад.
Ба саробаш рафт.
Пароканд
тарҳи ҷонаш
дар фазо.
Сабо ҷамъ нашуд.
Хуршед
адам гашт
дар чорроҳаи само.

Осмон холӣ буд,
Холитар аз зеҳни як тифли навзод
Оганда аз мурғони беранги оҳ.

Замоне
Тӯбро оғӯшкунон гуфта буд:
Замин чӣ қадар бузург аст!
Зуд замин шуд,
Хокро афзуд,
нафас намекашид,

Хоб ҳам набуд.
Вале ҳамеша буд
Дар рудхонаи суруд,
Дар бешаи сабзи дуруд.

## САДОЯМРО БАРОЯТ ҲАДЯ ХОҲАМ КАРД

Ёдҳо афсӯс мегарданд
дар ҷаҳони ноаёни ишқ
дар пайроҳаи беэътимодӣ.
Гуфта будӣ:»Дӯст медорам садоятро».
Кошкӣ!
Як дарахти осмонранги ҳақоиқро,
ки огандаст аз моҳтоби зардолуи номи ту,
ин наботеро,ки дур аз манзари дунёст,
як дарахтеро,ки дар шарёни тилфун медавад шоха,
дӯст дорӣ.
Иқтидори рӯҳпаймои садоямро
ба диске сабт хоҳам кард.
То аз ин ово
Бодҳо маҳзун шаванд,
Обҳо мазмун шаванд,
Чашмҳо ҷӯи равони хун шаванд.
Ман садоямро бароят ҳадя хоҳам кард.
Бесадо як умр хоҳам монд.

## ВА ОСМОН БА ХУД ОМАД

Ва як ҳиҷоб парид
Аз таҳоҷуми сояи нафаси бахр
Ба хиёбони бефосилаи маҳтоб.
Он ҷо фарози қарнҳост:
Дарахтест,

Ки решаҳош
Зи қишрҳои асрҳо гузаштаву
Расидаанд
Ба нахустин донаи ҳаводиси олам.

Ва тугмаҳои шармгини қабое
рехтанд,
Мӯйқапакҳо
Зи мӯйҳои қаҳвагуна
Фитоданд.
Фариштае
Зи рӯи баҳр гузар кард,
Парниёнии пироҳанаш
Пайкари зиндагониро
пӯшид.

Шаб,эй шаби бидуни тоби арғавонӣ,
Замони вокуниши осмон
Ситораҳо чӣ наво доранд?
Чӣ орзуи начибе ба хеш мегӯянд
Мунтазирони рӯзгор,
Фитодагони лачанзор?

Навои арғануни олам буд
Ва ҳисси дур шудан аз шақоватам омад
Ба ёд вардам
Даште пур аз қафас-,
Қафасҳо
пур аз паранда
Парандаҳо
пур аз ғам.
Ногоҳ аз эъҷоз
Қафасҳо кушуда шуданд,
Саҳнаи дунё
пур шуд аз парранда.
Ва осмону ман
Дар ногоҳ

Ба худ омадем.
Барои қатраи обе

Чиҳил сатил ба чиҳил ноқаи ситабр
бибояд баст,
Ҳавои арвандро
Огандаи садои наҷот бояд кард:
Садои сатил,
Садои зангӯла,
Садои шутур,
Ки абрҳо зи осмон афтанд.

Хумори кӯҳу шаби лолабониям омад
Ва ёд овардам
Парандаке саросар аз нумӯи сабзи шақоиқ.
Навасоне сурх,
Дар қаламрави шукуфойист.
Ҳар куҷо ҳаст шақоиқ

Рӯҳи Сӯҳроб дар он мазраи гарм аст.
Бодпарак
ба имдоди бод
Ва нерӯи кӯдакона
Бардошт маро
зи хоку ҷозибааш.
Сӯи боло- самти озодӣ бурд.
Чӣ гуна фосилаи зебост
Дар ин тайрон!
Чархболе гулимарямпӯш
Ва арӯсе ҳамранг
ӯ низ маннам,
ҳама ҷо пур зи ман аст.
Касе аз диёри ғайб
Идора мекунад аз шавқ чархболи маро.

Ҳанӯз мепарад
чодари ранҷида
Ба сӯи норвани фурсати маҳ
Ва ман аз дунболаш.

## САМТИ ВАҚТ

Дақиқаҳои мусофир
Ба рӯи соҳати саҷҷода дам гирифта буданд.
Ин замон
Ишқ саргаштаи даргоҳ,
Осмон санги сари роҳаш буд.
Аз китоби нави садсафҳаи аср,
Сафҳае боз рабудаст замон.

Малаки соя ба офтоб сухан мекард:
То ман астам,ту нахоҳӣ сӯхт.
Рафт хуршед ба сад шодиву маҳтоб омад.

Анкабуте заррин
Дар тоқи само
Дом месохт барои магаси фурсат.
Анкабути дигаре дар шафати пиндорам
Метанад ёди туро.

## МАН АЗ САФАРИ ГИРИСТАН ОМАДАМ

Ман аз таркиби абрҳо берун шудам.
Ман аз сафари гиристан омадам.
Ҳамлаи латиф
Дар баҳори нигоҳ
найзори миҷгонатро
сабз накард.
Ваҳми зебои нур
дар васати чашм
туро дамид.

Хоб
аз ин рамиш
дар гулсанги сарин
фано шуд.

Замоне
нафаси чашмат
андозаи сурур буд.

Рафтӣ
то хомӯштарин кунҷи дунё
то афсона,
то рӯъё.

Туро аз ҳарфи соя мешунидам
Маро аз рӯдхонаи фарёд нашнидӣ.

Солҳо дар дилам таҳ заданд...
Сояи кабуди туст
Гули маъсуми ноз.
Сар аз гиребони ман барор
Баҳор меояд, баҳор.

## ПАЙКАРИ ХОКИСТАРӢ

Гирдбоде печид
ҳама хокистари он зан,
Ки шаби тозаи маҳтобӣ
Хешро дар назари як саги занҷирӣ
сӯхт
Тарҳи нокомили одамро сохт.
Гирдбодаш бо сукут
Рӯи гулҳои сапеди марям
Пайкари мубҳами хокистариро
боз пароканд.
Ва саг аз панҷаи занҷир раҳо шуд.

## БАЪДИ ШАМОЛ

Чӣ шамол буд,
ки зиндагиро печонду бурд.

Ба зер
Аз қуллаи камоли ваҳм
назар кардам.
Зинаҳои тайшуда набуданд.
Ва ӯ
Заминро
расанпеч карда мебурд.
Замоне,ки ман
худро дар ҳеҷ
овехта будам.

## ПАРТАВИ САПЕДИ СУКУТ

…Хобҳо низ мураккаб шудаанд,афсӯс.
Ва ба ин партави испеди сукут
низ кам меойӣ.
Ман
дигар хоб нахоҳам кард.

Куртаи коғазӣ бояд пӯшам
ва паси панҷарае шаб гузарам.
На,
боз хато кардам.

Ту,ки дар мавҷи нафасҳои ҳамон печидӣ,
Ва ҳамон шӯр,ки олам натавонад бардошт
Бар сари бонуи шабнамзадае
Нимашабҳо
рехтӣ
Ва фаротар зи ҷаҳон гардидӣ
Зи калоти як боғ
Аз парешидани як дашт

Ва шикасти кӯҳҳо
Ба ҷуз овои насиме хушбахт
Нашнавӣ чизеро.
Ту аз ӯ оганда,
Холӣ аз дунёӣ.
Ман чи сон курта зи коғаз пӯшам?
Назди ин панҷара
танҳо ту саҳар меойӣ.

## ЗИНДОНИ НОХУНАК

Барои васваса кардан,ки осмон холист,
Барои дарк накардан,ки умр кӯтоҳ аст,
Барои дӯст надоштан,
Барои тӯҳмати чашм,
Барои он ки ҷароҳат бардошт
ҳазор рӯҳ зи нохуни бемурувати ту,
Барои он ки дилам хаста шуд зи ранҷидан,
Барои узри зиёдат
барои хандаи сангин,
барои он ки надорам дигар
маҷоли бахшидан,
ба ҳабс мебарамат,
ба маҳбасе,ки бозгашт надорад-,
эй «Дӯст».

## ВА ХУДО БОЗ БУЗУРГ МЕГАРДИД

Ҳама чиз кӯчак шуд
бидуни ишқ,ки меафзуд.
Осмон хона шуду шамс чароғ
Моҳтоб панҷара шуд.
Дашт шуд ҷойнамози паррон

Ва ҳамон қуббаи тасбеҳ,ки сад дил дорад,
ахтарон буданд.
Боғ гулдони пур аз анҷибари сурху сапед
Ва наҳангон,ки битарсиданд аз куштани худ
шабе моҳича шуданд,
Укёнусҳо
Маҳбаси шишагии моҳичаҳо,
Абрҳои пури пур аз дарё
коғази бод шуданд.
Хонае пур шуда аз бодпарак.
Ва Худо боз бузург мегардид…

Боз танҳо будам.
Ба ҳамон шакл, ки дӯстам доштӣ,
Ба ҳамон ҳаҷм, ки оғӯш накардӣ боре.

## БАРОИ ЗИНДАГӢ

Дарахтон мегиристанд
Канори ҳам.

Аз паси як сапедор
Таги шабнамрезӣ ҳастии нуқрагӣ
ба зиндагӣ
нигаҳ кардам.

Зиндагӣ хушбахт буд.
ҳанӯз ғофил
аз зуҳури нахустин шабеҳи худ,
яъне шеър, яъне ман.

Чӣ кор кунам?
Бояд хабар диҳам
аз бозгашти сафари дури адам.
Ва бигӯям
на манам мисли Ту,
балки Ту монанди манӣ.

## БОРОНИ СУРХ

Анореро ҳаво додам
ба сӯи лаълии маҳтоб.
Пас аз як сол бороне
ба ранги лола меборад.
Мапиндорӣ,
Ки он шаҳзод
Аз роҳи шикори оҳувони дашт
баргардид.

## ҲИСОРИ ОИНАБАНД

Ин ҳисори нилии оинабандиро
бибояд шуст,
бо хокистари тавҳид.
То муқимони само бинанд
акси хешро
рӯшан.
То ки уқёнусҳо
дар партави оинаҳои осмон
изтироби зиндагии хешро
бинанд.
Боғҳо
дар оби хушки
соҳати тобандагӣ
то абад рақсанд.
Низ ман
дар сайри ин оина меёбам
як осмон
Ту.

## САВОРЕ ДАР ОН СӮИ МЕҲ

Меҳ дар субҳ таҷзия шуд.
Дар он сӯ
      саворе буд,
                  ки оташи чашмонаш
Дар шакли аждаҳо бурун меомад.
Танҳо ӯ медонист
Замони сафари шамсро
                              ба мазраи шаффофи нохун
Ситораро ба чашм.
Боз медонист,
Дил вулқонест,
Ки фақат як бор метаркад.

Пиразани замон
Як сабад дил овард.
Гуфт,ки аз кӯчаҳои шаҳри Ишқ чидааст.

Ман
      дар боғи нуқрагии шаболуд,
                  дар поёни масири интизорӣ
                                          ба худ дучор шудам.
Чашмҳоямро ба Худ додам.
Ва сандуқчаи амонати номатро низ.

Сандуқчаи сурх таркид.
Номи ту пошид.
Ба шохаҳо дармонд.

Боғ сабз шуд.
Ишқро паймудам,
                  туро хатм кардам.
Диламро
                  аз занбили пиразан гирифтам.

## МОДАРАМ АЗ АБР МЕТАРСАД

Модари бемори ман аз абр метарсад.
Ҷилваи абр аз димоғи ӯ нафасро мебарад.
Он замон дунё даруни зарра мегардад.
Ақрабак
дар соати фурсатшумори умр
медавад баръакс.
Рӯҳи ӯ як лаҳза андарво шуда
дар партави беранги ҳастӣ.
Мекушад манро нафасгумгаштагиҳои ту, модар.

Зиндагонӣ, рухсатиям деҳ,
то нафасҳоро диҳам бар модарам.
Андак-андак жониби қадри баланди ӯ равам.
ҳамчуноне ки расид ин дам ба қадри як нафас.
Илтиҷо, эй абрҳо, дигар наоед!
Қаҳтсоли киштзорони нафасҳо мешавад.
Модарам бояд нафас гирад.

## САРҲАДИ ТАВҲИД

Ман дар оинаам,
ту берун аз он.
Ман дар ин водии ҳайрат,
замини кӯчак,
дар ҳошияи таслим
Ва Ту дар мазраи пуримкон.

Дар амнияти чашми Ту ин дам
натарсида табассум кардам.
Балки дар ҳолати бунёди арованд
Метавонад шиканад оинаро як лабханд.

Ту маро мекашӣ он сӯ,
Чӣ беҳуда.

Дар ин лаҳзаи матлуб,
дар ин шишаи ҳайронӣ
Бо ҳамон дарди қаноат,ки
гираҳ бар хами тақдир задаст,
Мемонам,
Ту дар оинаи дидаи дигар.

Зи нав шӯъла барафрӯз чароғи талаби қалбатро.
Фақат он лаҳза, ки бо шеваи ангушти ишора,
Сӯи ин сарҳади тавҳид Туро мехонам,
Аз он гӯшаи хона,
ки пур аз сояи хомӯши маҷоз аст,
дар даст чароғ,
назди оина биё.

## ТАЪРИХИ ДИЛ

Меравему меравем.
Гоҳ бо хуршед
Гоҳ бо маҳтоб.
Гоҳ бе маҳтобу бе хуршед.
Роҳ гоҳе гарму сабз асту гаҳе сард аст.
Нон гаҳ нонасту гоҳе санг.
Орзу бо мост гоҳеву даме бе мост.

Ташнаем,ташна.
Мефарояд абри мағрури сияҳ
То сарҳади манзур
Боз боло меравад норехта бар мо.

Меравему меравем.
Бо умеде,ки уфуқи тозаи мақсудро
                    як сабоҳе даст хоҳем кард
Ё ба таърихи дили худ интиҳо монем…

Як нафас истед!
Маъзарат,эй ҳамсафарҳо!
Ман барои хеш бармегардам аз ин раҳ,
Фаромӯш кардаам худро!

## ДОНАИ НИГОҲ

Сабоҳ аз чашма берун шуд
Само тарҳи гули истора мерезад
Ба рӯи суфраи эҳсос.

Садои оби кам дар ҷӯяҳо
          чун ҳарфҳои дерсолон мешавад ҷорӣ,
Парастуи зарифе
Лаҳзаи тайрон
Ғамамро диду дар тарҳи фазо шах шуд.
Ман аз оби нигоҳи лолаҳои сода донистам,
Ки онон низ тоҷик буда дар як рӯзгори дур.

Ба рӯи роҳи бовар хоб карда сояҳои пир
Ту ногаҳ омадӣ аз имтидоди ишқ
То фасли нави имкон
Пушаймонтар зи дарёҳо
Паси беди азими сабз
Ҷони оташине кардаам пинҳон
Ки ту нодида манро бигзарӣ аз боғу
     пайвандӣ ба фардоҳои беман, бо хаёли ман…

Навои сабзи сабзиш
Бо чаноре боз мегардад
Даруни донаи холӣ.

Ҷавони ҷовидонам гӯй,
Даруни чашмҳоям
Чанд донак аз нигаҳ боқист?

Миёни ҳалқаи торики шабҳо рӯз кӯчак шуд.
Ва дар оби зулоли чашмае ғунҷид,
Овои ҷавони ҷовидон дар ахтаре таркид.
ситора бо садои пора- пора дар фазо пошиду
бишнидам:
Рӯзи дигарат такрори имрӯз аст.
Вале ин бор
Мебинад туро он сӯи беди сурх.

## АБРЕ АЗ КАНОРИ ЧАШМҲОЯМ ОБ МЕНӮШАД

Шабе ларзид болинам
Аз он қӯе бурун омад.
Зи таркиби сафои шишаҳо бигзашт.
Садо аз ваҳми он берун нашуд аз худ.

Ба рӯи боли ӯ парвоз мекардам.
Ки ҷо-ҷо иқтибос аз нур пайдо буд.
Ҳавои кӯча лабрези чароғи ҷустуҷӯҳо буд.

Маро ҷуғрофиёи шишабанди гарми тифлон
сӯи худ овард
Ин ҷо ваҳшу тайр андар канори ҳамдигар осуда,
Аммо сахт ҳайронанд.
Ин ҷо
Олами гулсангии даррандаҳо зебост.

Замони гуфтугу бо ӯст.
Мебинам
Замин ғунҷида рӯи дастҳои модари дурам,

Ки рӯзе аз муҳаббат назди ӯ
Дар ҳаҷми хурди сояе таҷзия хоҳам шуд.
Эй модар,
Намебинӣ маро ин лаҳза рӯҳ ҳастам .
Нишон аз омаданҳоям
Ҷаҳиши хома рӯи миз худ аз худ,
Таҳрики калоба,
Тарси гурба
Ва парвози аҷиби себи рӯи лаълӣ буд,
аз панҷара,
Ки лаҳзае истоду боло рафт.

Само торик
Замини абрҳоро мекунад шудгор киштии
ҳавопаймо,
Шабошаб
Донаҳои лаҳза мекорад.

Нигоҳи хоб аз авҷи само бар бистарам афтод.
Ва қу
Таркиби болин омаду бедор гардидам,
Ки абре аз канори чашмҳоям об менӯшад.

## ЗАНГӮЛАИ БОРОН

Маро ҷабри сиёҳи манҷаниқи ҳаҷри ту
Берун зи боми осмон овард.
Маро аз зиндагии ранг боло бурд.
Нафасгумгаштагиҳо буд,
Дар ин бетарҳиву берангиҳову безамониҳо.

Сари пайроҳаи маҳтоб мерафтам
Қадамҳо дар фазо оҳиста- оҳиста.
Зи васли устухон

фосила меҷӯяд
ин ҷо
гӯшт худ аз худ.

Ман акнун
Даст бар пешонаи хуршед,донистам
табиӣ ӯ нест.
Яъне ин замон субҳ аст.

Кашидам риштаи зангӯлаи борон
Паси деворҳои абр.
Худ бо суръати зебои резишҳо
Даруни қатрае
То бар замин осуда баргаштам.

Ғурубе ҳаст
Ними офтоб андар даҳони соҳили фарёд.
Наҳанги ваҳшати андӯҳи ту
Бо ҳашмати фаввораe сарсон

Баҳреро
Ба анфоси таваҳҳум давр мегардонду
Мавҷи тозае месохт,
Дилгир аз ғизои баҳр.

Ва ман
Дар ҳалқаи дастони худ биншаста дар соҳил
Ба қадри дарки будан
Гиря мекардам.
Ногаҳ
Дар танаффусгоҳи марги худ-даруни чашмҳои ӯ
Шудам пайдо.
Шудам бедор...
Биё, аз ман барои ман бигӯ,эй дӯст,
Ки дигар нестам дар худ.

Биё, аз фитрати саҳронавардиву ҳавопаймоиҳои
ман
Гузар бинмо
Биё, ки бе ту зери охирин як қатра оби дида
Рӯзе ғарқ хоҳам шуд.
Биё,эй ёдҳоям чашмҳои ту,
то як пиёла ранги зебои фаромӯшӣ
Ба рӯи тоблуи ғам бипошему
Ҷаҳон аз ёд бардорем.
Ҳанӯзам метавон аз охирин як шӯълаи таб дар
лаби хоҳиш
Фурӯзон кард
Чашми абрэҷоди сигореро.

## МАНУ РАНҶИ ФОСИЛАҲО

Дар вусъати кӯдаконаҳои сурур
нигоҳам неруи парандаҳои дунё буд.
Дастам насимро медошт.
Қоиқҳои коғазӣ
дар муҳити ҷомашӯйии модарам
бехатар буданд.
Ҷоизтарин шакл
писари девонаи ҳамсоя буд.
Дурҳо наздик буданд.
Ситораҳо
фуруд меомаданд
бо нардбони имкон
то оғӯши интизорӣ..
Модарам мехост
Аз лаҳзаҳои сукут
ҳангома чинад.
Вале ман суоли беохир будам.
Шаршарае

зеботар аз навозиши ҷории новдон
набуд.
Ҳоло дар утоқи ҷабр
ки барои ғунҷидан
бояд зону оғӯш карду
маҳбаси дигар сохт,
бар сарам
чакрае
баъди ду-се гардиши нафас
мечакад...
Қатраҳо ниҳоят гурз шуданд.
Фарёдам аз гулӯи гирифтаи ҳақиқат
берун намеояд.
Чашмҳо
хобро
хоб ҳам намебинанд.
Насим
аз мадори панҷаҳо
мепарад.
Шаб аз шаб
ситораҳо
фосила мегиранд
аз замин.
Аксҳоям
Кӯдакиро мегирянд
Рӯи девори беохир.

## ДАСТАМ ПУР АЗ ТУСТ

Ҷонам
пур аз тирамоҳ аст,
дастам пур аз интизорӣ.

Эҳтироми баҳорро
дар масоҳати парвози барг
ва хокистари
як шӯъла шақоиқ
дидам.

Оташ нест

чисми сӯхтаро.
Бояд ба дӯзах рафт
ва чашме оташ овард.

На
Ташнаам,
об мехоҳад дилам
як абр
аз бешаи Мозандарон.

Гиёҳи ташна
ҳарисона
аз қишрҳои хок гузашт.
Он сӯи замин
дар осмони дигаре
овезон шуд.
Решаи ҳирс
ба ҳеҷ расиду сӯхт...

Рӯи фикри мунаввари субҳ
бод сайр мекард.
Ангушташ
ҳуҷайразори маро навозиш кард.
Бо се қадам
Баҳру Кӯҳу Даштро гузашт.

Лаҳзаҳоро
ҳазёне фурӯ бурд.
Кабӯтари сапеди истора
ба замин рехту
лона шуд.

Дар ту, эй шаб
аз ҳароси бо ӯ будан
мемирам...

Субҳро
зери сояи хиёл дидам,

Туро дар роҳи холии оина
ва шеърро
дар дашти нӯги хома.

Умед
аз гузаштаҳои сабз,
ҳанӯзҳои лоҷувардӣ
ва ояндаҳои беранг
тирукамон сохт.

Гираҳи оҳам
дар ҳаво кушуда шуд.
Ҷонам пур аз баҳор аст,
Дастам пур аз Ту.

## САБЗИШИ ШОНАИ ЧӮБИН

Дер боз
баста будам чашмро бар рӯи худ.
Лек аз хилватгаҳи ҳавзи хамӯши чашм
Духти зебои нигаҳ
аз об берун шуд.
Ин парӣ пар зад.
Сайри ӯ майдони разми баргҳоям
бурд.
Шояд ин дар чашмҳои марди боимон
Саҳнаи базмест.
Ё далели огаҳии дӯши сабзи баргзорон
аз сабои васл.

Зиндагӣ
дар риштаи фурсат
мекашад фирӯзаҳои рӯз.

Тахти оҳанги маҳини ҳиммате
чашмҳои меҳрубони равзани оромиши ман
боз мегарданд.
Боз мебинам ҳақоиқро
дар он сӯи ҳиҷоби шед.
Бишнавам овои поки интизориро
аз шохсори рӯ ба рӯи хонаам.

Донаҳо
аз кӯлабори меҳр
мепошам ба гунҷишкон.
Мурғаке
дар хирмани танҳойии соат
мехӯрад дони дақоиқро.

Ман шумори мобилатро
ҳар саҳар
аз хотири тилфун бурун оварда мебӯсам,
туро на!
Бетуӣ
афзудани ишқ аст,
марги хоҳише аз бегуноҳӣ…

Шоядам рӯзе
зи кунҷи бистари худ
пир мехезам,
дер меоям ба назди панҷара.
Он замон паррандаҳои даҳр
Ноумед аз равзани ман
дур хоҳанд рафт.
Хотири тилфуни ман ҳам
пир хоҳад шуд.
Кӯчарӯбе
бо умеди сӯзиши худ
баргҳоро ҷамъ хоҳад кард.

Чашми оламбини марг
зиндагиро метавонад дид
дар зиндони ёд.
Ҷустуҷӯ беҳуда аст ин ҷо.
Хилвате дар зарра ҳатто нест.
Лек меояд баҳорон,
Шонаи чӯбини ман ҳам
сабз хоҳад шуд.
Сабз хоҳад шуд…

## ГӮЁ НАБУД ДИРӯЗ

Тирамоҳ.
Фасли ишқи ахтарон.
Чак-чаки оҳанги ҳузнангези чашм
лобалои кӯчаҳои пурсукути шаб
маънии пурҳасрати умр аст.

Марзи оҳанги чакидан шуд фаротар
аз хати ғамдидаи раҳ
то ба кунҷи хоби ширин,
то чароғи охирине,
ки ҳамесӯзад ба ҳаҷми соҳиби бехоби худ
дар
кавири шаб.
Ҳусни эҳсоси ман аст охир чакиданҳо
аз нишеби ҳавзҳои чашм.

Ёди айёми чаҳордаҳсолагӣ
мушт зад рӯи дари дил.
Лонаи андешаам ларзид.
Мурғаке парвоз кард
туйи шоми ҷодаи хаффош.

Ҳолати бебозгаштии нигоҳам
гум шудан дар чашмҳояш буд замоне.
Лаҳзаи мелоди Илҳом
як шаби гумгаштагиям буд
Модараш - зебои шабҳо,
бо ном Танҳоӣ.
Бе ту будан,
шуғли нобудан буд охир.
Баъд аз ин пайванд гаштам
бо муқимоне зи шаҳри Моҳ- бо фардои дур...
Ҳолиё,
гӯё набуд дирӯз.
Боз ламсидам баҳоронро
ба ангушти нигоҳи тирамоҳӣ.
Боз раҳ бастам зи чашмонам
ба сӯи вусъати беинтиҳоии замон,
То Худо –
то Умед.
Аввалин як раҳгузори он
ҳамон Маҷнун…

Боз мебуррам баҳорон токи шеърамро,
Боз мебинам ҷилои хун.

## НЕРӮИ МО ҲАВОИ ҲАДИСИ ТУСТ.

Он меҳвари Замин, ки
ҳар шаб зи баркгоҳи вай истораҳои ишқ,
хушбахт бо сабадчаҳои пур зи нурашон
баргашта то ба холигаҳи мубҳами само
дар роҳи Каҳкашони ҳақоиқ ситодаанд,
бо меҳварӣ
дар ибтикори ошкории худ
такя бар ту кард.

Иди шаб аст мадҳи ту, эй ҳамроз.
Рангин зилоли ӯ
дар ростои сабзи тариқат
ту будӣ, ту.

Эй чашми ту чароғи ҳазорон фариштаҳо!
Осон чӣ гуна буд,
бо як назар зи равзани истора
мурғобиёни коғазию аслро
дар обҳои таскин
бо шуғли ишқи хеш
аз ҳам ҷудо кунӣ?

Эй осмони ёди ту эҷодкори меҳр,
дар пуштаи хаёлҳои миллат
бобунаҳои имон
аз гармии нигоҳи ту рӯиданд.

Хунат
садои сарзадани як гули ҳайратро
ба зери сахраи тардид
чӣ гуна бишнид?

Эй марҳаме ба захми дили таърих!
Навзод духтаронро
аз ғорҳои тори фаромӯшии ҳуқуқ,
як лаҳза пеш зи марг
то рӯшании умр ту овардӣ.

Фарде ба ҷои мо
дар ҷодаи ҳаёт нахоҳад рафт.
Фурсат барои ҳоли танаффус
нест.
Нерӯи мо ҳавои ҳадиси туст.

Ҳаҷрат надорад он сӯ.
Рӯҳи ту, эй уқоб
дар авҷи қарнҳо
ҳанӯз давр мезанад.
Ҳанӯз ғусса мехӯрад.

## ЗЕРИ ШАБ

Ман ба қурбонгоҳи ишқ
Дер боз
Як дили бечораи худро дер боз супурдам.

Лек медонам,
ки хоҳам рафт рӯзе бар суроғаш ,
то ба қалби бетараҳҳумгаштаи ту,
варна таҳрики тавофи ман чу ақрабаки соат
гирди худ
беҳудааст акнун.

Мекунад бозӣ
насиме
боз бо эҳсоси хомӯши шабон.

Зумрае аз бениёзӣ
андаруни чашмҳои худ
фурӯ рафтанд.
Бешабони қотиле
накҳати умедро
бӯи ҷисми куштаи инсон
бишморад.

Дигаре мағлубиятро
дар набарди кӯдаконаш

маънии зебои бахти хештан
донист.
Зери шабҳо
Орзуи дидани хуршед
уммеди чаманро
зинда медорад.

Зумрае “бедор”
ҳамчун донаҳо
дар хонаи кибрит.

Ман ҳам он ҷоям...
як замон хоҳам намудан
хоҳам ин торикро
бо қудрати хуршед
сӯзондан,
Лек дастони ту мебояд.

## ТАРОНАИ ЭЪТИРОЗ

Касе нашнид садои
дарди ҳақоиқро.
Чашми хираи дилаш
маро ҷуз ман нашнохт.
Дасти беҳимматаш
як дона гули эътибор надод ба ман.
Чу замон
бесадо бигзашт аз паҳлӯ…

Лолаҳо,
Беҳуда рӯидед!
Бегона буд
бо санъати гул додан ба гул,
он муғаффал.

Ғунчае чашми варо накшуд.
Шукр кардам
ба гули беранги сиришк
ва шунидани
садои парчами умр
дар инқилоби анфос.

Баҳори гирифтории ишқ
гирифтори худ шудам.
то нагирад Моҳ.

## ТАФРЕҲ

То ману ту
Рӯи хатти шафақи фосилае
Чашм дӯхтем ба ҳам
Умр бигзашт зи паҳлӯҳомон.

Панҷа задам
Сахраи сардеро
Ба қуллаи сукути худ.

Бидуни рози намоз
Ва нигоҳе ба туи нотакрор
Дигар дар ин будан
Кори такрор намехоҳам.

Бар хилофи муқарароти ҷаҳон
гом бояд заданам.

Тафреҳ низ
зи боми ситорабӯси илҳом
бигрифтану бигзоштан аст
нардбони завқро
даруни чоҳи раҳоӣ.

Роҳи як духтари рустоии ҳайрат
ба ҳавлии дили ман
нест, ки нест:

Паси як панҷараи захмин
Дар раҳи ишқи ту биншастан,
ҳавои тоза гирифтан шуд.

Ё худ аз худ
зи хаёли сари миз
фитодани хома.

Ва мурғаки хуш ҳам
Зи дидании лаълии паррон
намепарад
Зи шохсори тафаккур.

Дубора аз як фил
Пашшае сохтани козиб
дар паси пардаи шарм.

Аз ту хоҳиш,
Маро бовар макунон,
Ки зиндагӣ зебост.

## ОГОҲӢ

Анҷири хуршед
дар шохсори дури уфуқ
ғизои аккаи шаб аст
…Ибодати ғамноки чархи лаби дарё
оҳанги андешаи сукут
ва таронаи дуои кӯдаконаи бодпарак
фурсати таскини хиёл.

Боду борон,
ғуруби бодпарак
манзараи пуршигифти афсонаи наврасист.

Умеди раҳоист
гиряи талхи ӯ
бо сиришти ширин
ба ҳоли мағлубияти бекасам.

Бозёфти накҳати танҳоиям
шукронаи ҳирс асту
изтироби гарми анфос,
дар вусъати нахустин борони
хоколудаи поиз,
дар роҳи дирӯзи бехуршед,
фарёдҳои рафтаи бебозгашт
ва мурғони захмини дуъо.

Оҳ!
Ҳанӯз дар батни ин аҷузаи чашмкабудам.
Ва ҳанӯз таҳия мекунад
барномаи исқоти маро.

## ҶАРОҲАТИ РӮҲ

Нуқтаи сукути туст
холигоҳи сақфи хонаи пиндор.
Тарашшуҳест туро
рӯйи муқими кулбаи хиёл- Эҳсос.
Насим
садои сояҳосту
навозиши мӯи парешони интизорӣ
ва шуғли огоҳии рӯҳ.
Вале ҷароҳати рӯҳро

ҷуз нафаси Ту,
ноаёнтар аз фардо,

ва эй рӯшантар аз фазои имрӯз,
шифое нест!
Зери хати кашидаи дирӯзи шодӣ
сояҳо лағҷидаанд
як пора шомро.
Тифли канорам
Гирякунон ҳадя мекунад
бо одати ҳирс
ашкро ба хок.

Бастани миҷгон
Фурсати ҳудуси пулест.
Он сӯяш
шигарфтарин дашти талабҳои пиндор
ва рӯйиши зебои нигаҳнопазиртарин гули нур,
таҳти овои хоҳиши набз.
Ин сайргоҳи ҷосуси Ваҳм аст
аз билоди Марг,
ки мерабояд акси нотамоматро
аз анбони дарвеши чашмам.

## ЭҲЁИ УМЕД

Печиданам дар худ
таҳрики маҳзуни калобаи танҳойист,
Аз худ рафтану
ба худ баргаштани симҳои илҳом
фурсати бофтани ҳарири шеър
ва ихтирои бобунаҳои пурхандаи умед.

Оре,хушбахтӣ эҳёи умед аст.

Яъне ту
на он бегонаӣ,
Дар ҷодаи бекасу ошуфта,
ки бо шуғли дидани нигоҳи ҷадиде
метавон паси растахези ғубори ғам
умре нишаст.

Балки метавон туро сохт
бо панҷаҳои пуроҷанги умед
Ва гузошт
дар инзивои хонаи хиёл,
чун зиннати хамӯшӣ,
чун шеъри маҳҷуб.
Ва гоҳ- гоҳ пӯшид.

## САДОИ ОРЗУ

Садои рафтаи ман боз мегардад
Ба дасгоҳе, ки онро ихтироъ карда.
Ва мурғи ёд аз фарёдҳои гарм меояд
ба сӯи лонаи сарди хамӯшиҳо.
Нафасҳо ҳамчу шакли ҷамъи худ
бишкаста гардида.
Дубора душманамро дӯст медорам…
Тамоми лаҳзаҳои зиндагонӣ дар нигоҳи ман
Паси Бурроқ
кунун омодаи парвоз мегардад.

Падар пир аст,
Модар дар раҳи пурпечутоби умр
раҳгум зад.
Надида шаҳри ободи ҷавониро.
Мисоли чуғз маскан ёфт дар вайронае,
к-он ҳам мисоли абр дилгир аст.

Агарчӣ
чашмаҳои шоири қалбам
набитвонист эҳё кардани шеъри сапед-
як қатраи шири умеде аз барои ту,
Барои рушди бедарди сафои ту
Бигӯ, қабл аз сафар, эй ҷони танҳоям,
Бигӯ, эй ҷанбаи нури таманноям!
Бигӯ, гар омадӣ шояд зи ман
шояд на аз ман
Шояд андар интиҳои интизорӣ
баъди васли себу лабҳо,
баъди болидан зи рӯъё...
-Туро дар лонаи симурғ бигзорам ?
-Ва ё дар чиллаи сандуқи
рӯи мавҷи Сирдарё?
-Ва ё дар бешаи сабзе
ба назди бачаҳои гург?
-Туро ҳар ҷой бигзорам.
Вале бо хеш нагзорам.

Ба чашми қаҳвагуни худ
ба зери осмони нилгун- дар
сояи Парвардигори хеш
ҳамчун як амонат
бе хиёнат
зинда хоҳӣ монд...
Хоҳӣ монд….

## ДАР СОЯИ ҚАЛАМ

Нишони ҳиммати туст,
Начвои нури ҳаёт
аз сифри Хуршед
ва тасдиқи фалсафаи
аз ҳеҷ офаридани олам.
Ранги асрори туст
имконпазирии нигаҳ
ва фанои охарин зарраҳои сиёҳи ваҳм
ва болидагии гули мурод
аз насими бозгашти субҳ.

Дар камоли шуғли илҳом
гили вуҷудат
меҷабад тавачҷӯҳамро
то найчаҳои решаи ҳуҷайразор.

Зиндони чашм.
Фурсати фирори ёди маҳбус
аз рӯи симхорҳои мичгон
ва шукуфойии оғӯши гарми хиёлат
ва ҳарорате
дар лобалои замини барфпӯши варақ,
пайдоиши мазмуни хок
аз захми нохуни хома
рӯиши нахустин бойчечаки шеър аст.

Инак,
маро лаҳзаҳо оварданд
аз замони қабл аз ибтидо
то сояи як қалам.

## ҚИССАИ СОЗИШИ УМР

Фурсати такмили расми ту
дар фарози хотир,
шаҳомати нуқоти набз аст,
лобалои маро
ва рӯшании сархати ишқ,
дар лавҳаи чашм.

Хаёлат
роҳи сабзи унс аст.
Оганда аз бобунаҳое,
бо нигоҳи мултамисона.
Муҳол аст бозгашт.

Биё,
ки боз диҳамат дилро.
Ва дар он хонае, ки
як оина ман дорад,
армон шиканем.
Ва шаби гарме
эҷод кунем,
қиссаи нотамоми пайвастан,
қиссаи рӯиши ранг,
қиссаи базми пурҳарорати ишқ,
қиссаи бозгашти гумшудае,
қиссаи созиши умр
ва ба гул бахшиши нерӯи дарахт.

Нигарем бори дигар,
ба самти берун аз олам
бе миннати чашм.

## БАРОИ ЯК ТАНИ ТАНҲОИ ТОЛОРИ СУКУТИ ИШҚ

....Ва зебо пир гаштанро
Ба кунҷи хонаи танҳойии худ
Зиндагӣ дорам.

Чунон хоҳам сафар кардан
Зи кунҷи оина
то гӯшаи сабзи баҳори лавҳаи девор,
к- он ҷо
лаҳзаҳо ҳаргиз нахоҳанд рафт.

Гули оҳ аз сукути санг мерӯям,
Нахустин нусхаи ман баски хушбахтист.
Он сӯи фироқи ту.
Ва ман аз минбари илҳом
Фориғ аз садои мубҳами тасвирҳои рӯз
Барои як тани танҳои толори сукути ишқ
гӯям шеър.
Вале дар асл ӯ ҳам нест...

Пас аз ин, тораҳои мӯйҳои қаҳвагунамро
Зи ёди буттаҳои хушки дашти ноумедиҳо,
Пас аз фарёдҳои ройгони худ
Ба сӯи маҳмиле бас дур,
Пурранҷур,
Зери охирин як нур
Аз шамшери уфқи кӯр,
к-аз вай метаровад хуни хуршеди фаногашта
Хоҳад дид.

## СОЯҲОИ ПАРОКАНДА

Ва боз роҳ...
Ва сояҳои порокандаи гулҳои гулобии
дарахти себ
Ва бозгашти паррандаҳои
хаста зи хушбахтӣ,
ба мазраи мутаҷаллии Баҳор.
Ва боз гиря мекунад об
ба ҳоли аҷзи пурғами замин.
Ва боз ҳасрати роҳ рафтан
дар дили растанӣ
аз фитнаи бод
меларзад.

Лолабонист баҳорон корам.
Зи кӯчактарин лолаи кӯҳ пурсидам,
ки зери хок будан
чӣ маъние дорад?
Бо шақоват гуфт:
Агар осон мебуд,
намерӯидам…

## РАНГИ БОРОН

Оҳ шуданд ҳама гуноҳҳо,
Маҷмӯашон шамол шуд.
Ҳама коғазҳои абри ту,
ки дар он ашк печидаӣ,
кушуда шуданд.
Иттисоли ашкҳо
борон шуд.
Ва дари сурхи қалбҳои чаман
баҳри меҳмони осмон во шуд.

Ҳама ҷо пур шуд, пур аз борон.

Таровише чира шуд ғуборро
дар нигоҳи таҷрибаи булбул.

Ранги борон
мазмуни мубҳами Худост.
Хонаи сафири билоди чашми ӯ
фаротар аз сулуки ақл аст.
Шигифттар аз бозгашти Хуршед,
баргаштанаш.

Ранги мани растанӣ
зи хуни нилии осмонҳост.
Ва ман низ меборам
фурсати тарашшӯҳи ранги дард,
то бишӯям изи пои гумонро
аз зинаҳои мармарии имон.

## РӮЙИШИ БОЛИ ШИКАСТА

Боғе
оганда аз дарахтони уммед,
ҳавзи таскини пиндор,
раҳрави азрақии насими хаёли ту
ва таронаи хомӯшии бобунаҳои эҳсос
оҳуи бахтро минтақаи сайр аст.

Ба меҳри ман наомад
бовари ин рамида.
Чун гулҳои худписанди чаман,
ки хандида инкор мекунанд
муҳаббати сабоӣро.

Сурур мехонам
аз китоби чашми мурғи хонаи сайёд.

Умед мебӯям
аз мӯйҳои парешони сояи санавбар.
Меомӯзам буданро
аз такмили моҳи минбари гардун.

Мусофири кӯчаҳои танги имконам,
Чун сафири оҳанг
аз ғиччаки ғамнавоз
ба қолаби шеъраке.

Чун баҳонае
дунболи парастуи нигоҳ
ҷониби мардуми ғофил аз диёри чашм.

Пиндори мо шуд
Устоди бесаводи баргҳо.
Онҳо
буданро дар беишқӣ
беҳтар донистанд.
Ин буд, ки
Тақдир тасхири хок шуд.
Найзори зардгаштаи гуноҳ
фурӯ бурд хуршедро
дар пастии эътибор.

Вале ҳанӯз дер нест,
Ҳанӯзҳое ҳанӯз наёмадаанд…
Боз о, эй Имон, ки омаданат
бозгашти хотир аст
ба беморе, ки дер боз онро гум карда буд
Ва рӯйиши боли шикастаи фаришта.
Ва таъниси оҳуи бахт
бо ман.

## АЗ НИГОҲ ТО ХУЛОСА

Омадам аз ҳастии бетафаккур
то рӯшании дониш
Ҳоло хуршедро медонам –
сарояндаи таронаи сукути субҳ,
кушоиши масъалаи мубҳами шаб.
Моҳро медонам – нусхаи зебои танҳойии ман.
Зиндагиро медонам – набзи амёба.
Ишқро медонам – тозатарин ҳавое,
ки нафас мегирад
аҷузаи чашмкабуд.
Бахтро медонам – душмане, ки
ҳамеша боиси инфиоли саломи ман аст.
Чашмро медонам –оғози ҳама хатҳои кабуди
харита.
Хобро медонам –боли тиллойии парвози рӯҳ,
аз хоки поки танҳоӣ
то фарози тасаввури ширин,
то дӯст доштани зиндагӣ
ва бозгаште
пас аз занги тасодуфи дар.
Гулсангро медонам –
меоди шабнаму меҳрубонӣ
бо хоҳиши мафҳум.
Сояро медонам –тааллуқияти абад
то дари ғуруб.
Ғурубро медонам –оҷизи мағрури болонишин,
ноаёнии изи садо дар роҳи нур
…Ва туро низ, ки то мунтаҳои шеър маро
мечакидӣ.

## ЯК ПОРА БАҲОР

Баҳори кӯчакеро медамад
хаёли сабзи гулдони панҷара,
Ва саркашида матни поиз мехонад
аз сафҳаҳои даридаи китоби "Ҳастӣ",
варақ –варақ мешукуфад
беинтиҳойии дарди гули нафиси ҳасратро.
Баргҳо мерезанд,
беозор,
соясон.
Рангҳо рӯҳи заминро
парвоз карда ноаён,
то тирукамон.
Шавқи тағъири ашкол
мекашонад баргҳоро аз озодӣ
ба тангии имкони вуҷуди лойхурак.

Замин офаридаҳояшро
фурӯ мебарад ҳарисона.
Сафар мекунад поиз
ба хоки бегона.
Ва ман низ сафар мекунам
аз тангии имкони будан
ба бешаи беинтиҳои сабзи Пиндор.
Номи ту он ҷо
сабзтарин дарахт аст,
Ки дар ҷӯйбори рагҳоям
алвонҷ мехӯрад решаҳояш
як рӯзгор...
Ва Ту
дами нигоҳи ишқофарини ман
ба оина ҳамқисмат,
ки як шамъ рӯшанӣ дорад,
маро мешиносӣ.

Зи ҳароси садойи парвоз
ва ҷисми мубҳами хаффош
Ва ғазаби равзанаҳову
рақси ғамноки пардаҳо
Ва фарёди писари девонаи ҳамсоя,
ки нурбориши моҳи пурра
кӯчаҳои майнаи сари ӯро лой мекунад,
Дар лабонам меларзӣ,
Аз чашмҳоям меборӣ...
Меборӣ
Аз ин шаб то ҳамеша.

## БОЗ МЕБОЯД, КИ БАРГАРДОНАМ ОЛАМРО ЗИ ЧАШМОНАМ

Фурсати кӯчидани дороийи офоқ
то тиҳигоҳи адам,
Хоб аст.
Вусъати аёмро
дар чашмҳоям
қуфл хоҳам кардан имшаб низ.
Лек дар хобам
ҷуз туе , ки то адам боре набурдам,
чизи дигар нест.

Аз бароят
боз мебояд, ки баргардонам
оламро зи чашмонам,
Нигоҳамро, ки ҳусни инзивои хонаи фақр аст...
Дастони ниёзамро,
ки умре сӯи дарки маъният моил,
Забонамро,
ки бӯи лолаи нашкуфтаи дил ояд аз он.

Он замоне,
ки туро ҳам мебаранд он сӯ,
чашмро дигар набикшоям.
Олам андар чашмҳоям
бо ту, эй ишқи ҷавонӣ,
то ба айёме ба номи Безамонӣ
қуфл мемонад...
Тарсидӣ?!
Матарс!
Он чӣ мемонад даруни чашми ман,
як нусха аз расми туву дунёст.
Муддаои шеъри ман санҷидани ишқ аст,
Лек он дар тирагии ваҳм нопайдост,
Нопайдост.

## МАЪРИФАТИ МАН

Бӯи қаҳваи нигоҳат
фирори рӯҳи хоб аст,
Ҳангоми тохтутози лашкари вожаҳо
дар кӯчаҳои печ дар печи майнаи сар.
Ва пораи
илҳоми эҳсос,
ки маро
саропо як набз шеър карда.

Нигоҳат беҳтарин ғизои гарми хун
Ва ишқ
вусъати паҳншавии таъми он
дар ҷабиши ҳарисонаи ҳуҷайразори ман.

Ман
акнун
он қадар ту шудам,
ки лаҳзаи руҷӯи зебоӣ
ва қадр кардани худ
низ дар оина туро мебинам.
Ва
зи чашмҳои шаб низ
туро мехонам.

Хостам фаромӯшат кунам.
Худро фаромӯш кардам.
Эй ҳусни сукут!
Эй маърифати ман!

## САФАРЕ ДАР ХАРИТАИ ЁД

Аз фарози осмон афтид уқоб
Бар сари сабзи чанори боғ рехт.
Болҳояш лобалои он
аз канори шохаҳои майдабарг
овеза гардиданд.
Сурху тар шуд сояе бас пир,
хунин гашт.
Сурати дури замин гашт.

Роҳ мепаймудам аз рағбат,
ҳамсафар бо сояи кӯтаҳ ,
ки гаҳ-гаҳ ноаён мешуд.
Пӯсти мор
Буттаеро ваҳмгин мекард.
Бе тардид гуфтам:
Мори хобам мурдааст.

Чашма пайдо шуд-
- маҷмӯаи сад акси Маҷнун.
Сурате парвози дури ҳуши ман гардид:
Рост меистод Қайс,
лонае, к-андар сараш бигзошт мурғи сабр
аз чӯҷаҳо пур буд.
Аз ин аржанги обӣ
зиндагӣ то ёдам омад.
Пурсидам зи худ:
-эй мусофир,
зиндагонӣ чанд қадам роҳ аст?
Қаҳрамони шеърҳоям ку?
Кадомин соя меоди ману ӯст?
Шояд чанори ҳавлии тифлӣ,
ки айёме баҳори тоза меовард?
Дар канори сабзбунёдаш падар
як расан бигзошт то
як лаҳза аз такрори ҳарфи ман раҳо гардад.
Зиндагӣ ҳамбозии ман буд.
Зиндагӣ парвоз мекард
рӯи арғунчак.
Шедро арғунчаки беранги лаҳза
Суи Шарқу Ғарб меоварду мебурд.
Мевазад боде зи асри ваҳшии сангин
Қоиқи кӣ мешавад хушбахт?
Дар куҷо ҳаст оламе,ки дар вуҷуди гарми модар,
дар нахустин хобҳои хеш медидам?
Ин дарахти ноилоҷ осуда
бори чанд мурғи ошиқу оромро
дар мадори хеш чун дорад?

Мурғҳо андешаманданд,
кош девона нагарданд.
В-арна болои сари мо осмон
дигар наметобад.

В-арна дар таркиби сарди абрҳо дармонда мемонанд
ин паррандаҳои сахт девона.
Ман ҳам акнун
хуб медонам
чаро инсон
девона мегардад.
Порсол як марди соҳилдӯст
ақли худро
аз барои чархи чӯбини лаби дарё
аз иродат
ҳадя кард.
Боз медонам,ки фардо ҳам ҳамин рӯз аст.
Шодӣ ҳам ғам ҳаст.
Иқлими оганда аз хуршеду зебои ҳақоиқ
сард мемонад.
Манзили тафреҳи маҳтоби сапед
рӯи барги қуллаи сабзи сапедорест,медонам.
Ман зи маънии сапеду сабзу тар
гулдастаи ихлос месозам,
дар шаби мелоди тифли фалсафа,
аз вуҷуди Марями обастани маҳтоб.

Дашт, дашт!
Дафтари асрори хоб
зери амвоҷи сароб.
Ман надонистам
сафар дар ҷони ту ҳар лаҳза навгонист.
Лолаи вақт аз канори боми беранги ту мерӯяд.
Эй кафи дасти дурушти даҳр,
ин раги беохире к-аз оҳан аст,
бемунтаҳойии ҳаёти кист?
Мебарад моро зи заъфи иқтисод
то бурунмарзи саъодат,
ки барои мову ту нест,эй азиз.

Ранги фоли хеш мечӯӣ
аз финчони қаҳва то ситора.
Кош дар таркиби ҳаври қаҳва меғунҷид рӯҳам…
Ахтаре аз инфиҷори фоли зебои дурӯғ
охир кабӯтар шуд.
Рӯи боми боруи пиндори мо биншаст.
Оҳ аз тағйири ашколи заминӣ
Як замон будем хок.
Зиндагӣ дар ҷони мо хобида буд.
Як замон будам дар оташгоҳи хоҳиш.
Як сафар аз олами эҳсос то парвонаҳову ранг
кардам.
Як замон будам дарахт
Маро дирӯз
барои хонаи ғам
фарш карданд.
Як наҷоти сабз,як барги нигоҳи ман
то ҳанӯз
рӯи дарёҳо шино дорад.
Шояд як замон исторaҳо хуршед мегарданд.
Он замон наврӯз хоҳад шуд,
зиндагӣ як рӯз хоҳад шуд,
як рӯзи беохир.
Осмони сахт бепарво.
Абри хотирҷамъ.
Баҳр метобад,
талоши он сияҳ чун сарнавишти
миллати ман,
миллати аз соддагӣ пуриллати ман.
Миллатеро,ки забон
бишнидану бигристани заъфи арованди
пас марг аст
дар биҳишти адл.
Соддагиҳоят ҳамеша
аз мураккаб будан аст,эй халқ.

Эй модари таърихи дунё.
Ман зи ишқи ваҳшии танҳо нишастан
мерасам рӯзе
ба он ҷомеаи ҷовид.
Хонаи рӯҳ аст ҷисм.
То кай ин мурғи навомӯз
мепарад аз мову меояд дубора?

Хонаам болотар аз тоҷи сапеди кӯҳ,
поёнтар зи ҳавзи моҳ,
овеза дар ҳеҷ аст.
Лаълии паррон
чароғи ҳавлии ман ҳаст.
Метавонад чархболи ёди ту,эй дӯст,
фуруд ояд ба саҳни зиндагониям.
Ин қабат дар шакли маҷмӯ будан аст.
Роҳи зебои биҳишт оғоз мегардад аз ин ҷо…

Дар нишеби соҳили дарё
Моҳигире дерсол
бистари мавҷе ба рӯи ҷисми камҷонаш кашид:
Эҳтимоми ҷории амвоҷи ризқи ӯ
барои бурдани акси ҷунуни боғ
то хушбахтии як дашт
оғози ҳама рӯзи накӯяш буд.
Кӯдаке бори нахустин гуфт:
О-о-о,оби калон!
-номи ин оби калон Дарёст,
эй азизи хурдакак!
Дарё,
эй тарашшӯҳи фурӯғи кӯҳсорони сапед
зи ҳусни бекаронат
дар канори хеш ҳайронам.
Медавӣ сӯи мудом

Меравам сӯи тамом.
Чашми маҳ девонаи дидори туст,
холаи ӯ сояи ёдат.
Дод аз ин нозанине,ки садо дар парниёни шоми
амвоҷи ту мебандад,
бо ту меварзад муҳаббат
аммо субҳ,
рӯи пайкари беранги ту
осуда мемонад қадамро чун фаришта
ҷониби фардо.
Моҳиён осудапарвозанд,
балки медонанд мурғи моҳихор
як рӯз метарсад зи мавҷ
Ноумед
аз бозтоби дури марг
дар сари як сахра мемонад
ба шакли пайкари афсӯс.

Баъд аз ин
Моҳиёни дохили консерваҳо низ
аз барои дурии ваҳшат зи насли хеш
шеър мехонанд.
Агар
ҳаҷри ҷавони ормон бигзорадам шоме
насими сабз хоҳам шуд,
барои моҳиёне,ки гаҳу ногаҳ сар аз дарё
бурун оранд.
В-агар нагзорадам
сар
зи сатҳи зиндагонӣ мекунам боло,
ки аз дастам
насими хуфта дар оғӯши маҳтоби ҷавон гирад.

Фазои деҳа
дар сӯги баҳори рафта хомӯш аст.

Ва регистони хоби духтарон
шуд мазраи туфон.
Агар дасти латифе
рӯи лабҳоят набошад,эй азиз,
Баргӯй посухи суоли мо,
ки хуршеди ба хун оғушта
поёни шаб аз қурбонгаҳи фурсат бурун омад?
Ҳанӯзам
хилвати фарёдгоҳи нури олам дар Хуросон
аст?
Шаб асту
баргҳои бешаҳо парвоз сӯи моҳтоб доранд?
Чӣ зебо ҳаст базми сабзашон
дар хирмани дуре.
Шояд ҷавҳари домони худро моҳтоб
рӯзи арӯсиям
ба паҳнои фалак пошад.
Ва то он рӯз ҳаждаҳсола хоҳам шуд.

Тамоми зиндагонӣ
тӯдаи хок аст
дар андӯҳи танҳоӣ.
Парастуи нигоҳам
мекашонад зарра-зарра хокро
то боми нарми чашмҳои мо.
Зиндагӣ дур аз риёзот аст,
В-арна ҷамъи чор фасл
ҳеҷ гоҳ
як сол намешуд.
Ҳайфи ишқе,ки бидуни дил
Дар бекарони орзуи мост.
Дод аз овози вазнину
тавахҳумрези занҷири ҷафову
ноилоҷӣ
Ноаён ларзида дар шаҳроҳи умр,

бояд ин ҷо хоб кард андак,
яъне ним аср.
рӯи гулсанги хиёли ту –канори орзу.
Зиндагониям барои ёди ту хеле кам аст.
Табибе гуфт:
Ширинӣ зиён дорад.
Орзуҳоям маро бемор карданд оқибат.
Баъди хоб
аз дафтари тасвирҳо
соқаи ревосро бояд гирифту хӯрд.
Таъми тамкини аҷиби кӯҳро омӯхтан бояд.
Ман туро аз дигарон омӯхтам,эй хуб.
Дар орзуи чидани олу
аз дарахти хушк
умри ту бигзашт.
Ҷилоят чун сиришк
Беҳуда буд дар шаб.
Ту ба субҳи қавми дигар рафтӣ аз ночорият.

Аср асри растаниҳо нест.
Асри робот аст.
Оқибат роботҳои мо
нафас хоҳанд кашид,
Андеша хоҳанд кард,
хоб хоҳанд дид,
одамонро дӯст хоҳанд дошт.
Як шитоб дар дӯстдорӣ
метавонад бетафовутӣ намудан.
Оқибат мобил
нописандона ба ҷои мо ҷавоби ишқ мегӯяд.

Аммо зиндагонӣ
ибтидо андешае бас нек дошт:
Ваҳдати зебои кайҳонӣ.
Буд ҳар чизе муқаддас буд.

Омадан то зиндагӣ
кори тасодуф не,
бори илҳоми худовандист.
Вусъати як ғори андеша,
ҷодае то ибтидои зиндагист.
Балки оғози шакарафсонаҳост.
Зиндагӣ осудааст,
рӯзгори мо басе пуризтироб.
Мебояд,ки дур аз рӯзгор
Дар зиндагонӣ буд.
Мебояд,ки ин бобунафурсатро нафас бикшид
омехта бо шеър.

Пайкаре бо хиратарҳӣ
-як бисоти мубҳаму дарҳам зи ашку ғам
истодааст пеши дари имон.
Дар кадом қолаб гузорад
тарҳи беҷомондаи танҳойии худро,
Магар дар хонаи рӯзона танги ман?...

Маро
Дар курсии чархи фалак биншон.
Макун хомӯш чархатро.
Маро дар нашъаи ҳаргиз таҳаммул кун,
ки дар занҷираи тайронзомӯзат
давоми умри худ бандам.
Маро болотар аз авҷи ҳамин як чархи бозингар
мақоме нест,бовар кун.

Садои боли маҳтоб аст.
Мерезад ғубори нурро
дар партави фонусҳои нуқрагуни
кӯчаи зебои Сирдарё.
Табиат сахт ором аст,
Фурсат низ мамнӯъ аст,

Яъне ваҳму зебоӣ ҳамоғӯшанд.
Тамоми ҷодаҳо аз тарс хомӯшанд,
Зеро
Кӯҳи шаб афтода рӯи деҳаи заррин.
Ман акнун шоми сарде
ҷониби афсона хоҳам рафт,
Нафасро оқибат
пироҳани сурхи муроди хеш хоҳам кард.
Яъне
Мунтаҳои интизорӣ,
Як саҳар дар соҳати дарё
мароми зиндаи занбили танҳоӣ
ба сӯи соҳили хомӯши мо хомӯш меояд.
Баҳор аз қаъри дарё мешавад берун.
Ва соат аз раҳи тайкардаи худ боз мегардад.
Замин нозук меларзад.
Деҳи монда зери кӯҳ
дубора мешавад пайдо.
Шарора мешавад рӯшан.
Зуҳури мӯъҷиза дар сафҳаи хушки парандак
як чаман маҳтоб мерӯяд.
Тамоми рафтагони бехабар аз хоб мехезанд,
Баъди бистум солгардони заминларза.

Ва кӯҳе,ки
маро ҳар лаҳза мехонад канори хеш
ҳавои меҳ дар сар дошт.
Мане,ки кӯҳнавардӣ орзу кардам
шаб аз таркиби оби хушки равзан
омадам берун.
Ва моҳ он сӯи абри дур буд
садбарги ғамгине ба зери ях.
Дили ман ҳам чароғи тирае дар зери дарё буд.
Ситора лаҳза меафшонду

маънии садои болҳояшро
сукуте раҳнамо мешуд,
то чашми ҳамеша бозу ҳайрони матарсакҳо.
ва ногаҳ лаҳзаи зебойии меъроҷ,
нерӯ рафт аз ҷонам.
Сукуте аз фарози ёдҳоям буд.
Таҳоҷум бо шукӯҳи интиҳоям буд.
Вале дасти булурине
аз он сӯи само то зиндагӣ омад.
Маро дар каф таҳаммул кард.
Ва зери кӯҳи рӯъё бурд.
Дар оғози он
сунбулазоре дошт пирӯзӣ.
Ду-се хӯса
даруни мосаҳо бепираҳан буданд
аз аъмоли боди ваҳшии шабҳо.
Шаб асту кирмаки шабтоб мехоҳад,
ки як себи фитода дар лаҷанро
фатҳ бинмояд,
Чу ман аз рӯи кӯҳи тар…

* * *

Роҳ пур шуд аз сафар,
Саҳар омад,саҳар.
Нур мепечад маро,
зинаҳоро,
як кулоҳеро,ки тобистон
бо ман дӯст шуд.
Ҳамонеро,ки боми ишқгоҳи обиаш
зикри маҳтоб асту
парвози нигоҳаш
метавонад ҳар замон оташ занад
оламии моро.

Тоблуи ҷони ширинам
даруни зарфи чинии сапеди об меларзад.
Шарҳи воқеияти як лаҳза зебоист.
Хушбахтии чашмонам чӣ озодист.
Муборак бод бар ман.
Ин сапеди пок
зодгоҳи дигари ман буд.
Оре,шоирони мо
ҳазорон зодгоҳ,
зодрӯз,
ва чандин марг доранд.

Аммо боғбон
Баъди тарки ноилоҷи боғ сигор мекашид.
Фасл поиз аст.
Ишқ,
танҳо ишқ медонад,ки поиз
чист.
Фурсати таҳрик ҳоло орамидан шуд.
Дастҳо зери сарам,
метанам ёди туро дар худ.
Зоча мегардам.
то баҳори аҷз
Бол мерӯяд зи паҳлӯям…
Ҳолиё,
Ҳавзи пиндорам
зи об оганда гардидасту
мерезад зи чашмонам.

Истгоҳи сабзи як ишқ аст.
Орзуи бурдани ором
дар ҷони сабо доғ аст.
Сӯҳбати маърифати базми назарҳо
гарм мегардад.
Ҳадиси ишқи ман мегӯяд аз нав

бахри маъшуқаш.
Мегӯяд
Барои мурдан омад як саҳар то шаҳри ишқи ман…
Шаб ҳам акнун ранг мепошад дақоиқро.
Ранги хаффошон хатарнок аст
Дар пайроҳаи меод…
Рақси бепироҳани боғ аст.

Имрӯзи аҷиб
чун рӯзҳои рафтаам
дар хидмати як дил гузашт аз сатҳи
дури моҳ.
Нимаи маҳ рехт.
Пораҳояшро даруни як сатили об ҷамъ овардаам.
Сақоби мо куҷост?
Сатилеро,ки дар он
вусъати пайвастани оинаи маҳтоб меларзад,
То фарози кӯҳ бояд бурд.
Дасти имкони Худо боқӣ мададгорест,
дар таҷмили шоми даҳр.

Омадӣ армону афкорам париданд.
Олами пиндорҳои ман парид.
Нигини ҳолати ангуштарам
Лаҳзаи қабл аз ҳаводис
Ранг табдил медиҳад,аммо
оташи сабзи шукуфтан гашт
Пеш аз шӯълаи дидори ту.
Нохудои киштии бишкастаи уммед
Аз миёни тӯдае аз устухонҳои сапеди умқи
баҳри сабзи оби шури ширин
мешавад берун.

Осмон бар сина меорад

Таҷаллии табассумро.
Офтоб
Рӯи чанори боғи дилтанги ғуруби тира рехт.
Қуллае,ки дӯст медорам
                хира мегардид ҳоло
                дар канори хатти зебои уфуқи дур.
Нурҳо шорида байни шохаҳои як дарахти ашк
Сояи пири шаб акнун меҷабад анвор.
Шом омад,шом.
Абрҳо дар шохаҳои боғ дармонданд.

# ШАБ ФАЗОИ ГУМШУДАНҲО НЕСТ....

*(дафтари чаҳорпораҳо)*

## ШАБ ФАЗОИ ГУМШУДАНҲО НЕСТ

Духтаре дар саҳнаи маҳтоб
Бо қабои сабз мерақсад.
Доназоре дар нигоҳи мо,
Рӯ ба сӯи моҳ месабзад.

Ҳаст ин олиҳаи беасл
Пайкаре аз зарраҳои моҳ.
Чордаҳ шом аст дар хайма
Боқии шаб дар сари як роҳ.

Боз ёди шӯълярези Ту
Мешавад зангӯлаи ёдам.
Баъди ин овои огоҳӣ,
Вақт меояд ба имдодам.

Боз Ту,танҳо Ту,танҳо Ту
Забт кардӣ олами сабзе.
Боз баргаштӣ ба самти дил,
Боз бишнидам ба ҷон набзе.

Ишқ кори сахту сангин аст,
Ошиқон аз дард дилгиранд.
Шаб фазои гумшуданҳо нест,
Ахтарон дар субҳ мемиранд.

## АЛМОСИ ХУНОЛУД

Касе дар хобҳоям чарх мезад,
Хаёли ибтидо дар интиҳо дошт.
Ба ёди тарҳи беранге биафтод,
Ва беранг аз тапишҳо тоза бархост.

Зи тарҳи шаб уқоби оташине
Бурун гардиду то қаъри қамар рафт.
Саворе сар ба рӯи каф ниҳода,
Канори ҷодаи асри дигар рафт.

Агар алмоси хунолудаи маҳ
Намеуфтод аз ангушти шабҳо.
Намешуд баҳр лабрез аз суқуташ,
Намеомад саҳар ҷонаш ба лабҳо.

Ба фардо зам шуд он умре,ки бигзашт
Ба ёди гетибони ҷовидона.
Миёни дастҳомон оташе буд
Самоиранг бо номи замона.

Кадомин гирдбоди бурҷи фитрат
Туро овард то андешаҳоям.
Ҳамон шаб исми ту овехтам ман
Ба нӯги шохаи сабзи садоям.

## ПОРА-ПОРА РӮЗ МЕОЯД

Боз бopони дареғ омад,
Зиндагӣ такрори ёди туст.
Эй фаротар аз ҳама шеърам,
Куштани дилҳо ҷиҳоди туст.

Хомае аз шохаи ахтар
Дар миёни панҷа меларзад.
Ман барои ту агар гирям,
Лобалои умр меарзад.

Эй Ту,эй гулбӯии мақсуд,
Бо нафасҳои кӣ печидӣ,
Бо нафасҳое,ки кам гаштанд
Дар танаффусҳои навмедӣ?

Ошиқи хомӯшии хешам,
Гӯш бар дунё нахоҳам дод.
Зуд бояд пир гашту мурд,
Рафт аз ин пайроҳаи ношод.

Ман дар оғози раҳи як шаб,
Меравам то мақтаи хуршед.
Сояро ин сӯй мемонам,
Меравам бе рӯҳ,бе уммед.

Бар дари файзи хаёли ту
Мезанам оҳанги огоҳӣ.
Бишнавӣ аз маҳбаси пуроб,
Боз парвози ҳамон моҳӣ.

Шаб зи оташхонаи ёдат
Тора-тора сӯз меояд.
Аз паси айвони танҳоӣ,
Пора-пора рӯз меояд.

## НОМИ НИГОҲ

Чист ишқ?-Унвони чашми туст,
Марди дарёшеваи ғамгин
Изтироби сурати дар ашк,
Анварӣ ту ё сояи рангин?

Бо нигаҳварзии фасли ёд,
Бетуӣ бигзашт дар хобам.
То туро,эй дуртар аз аср,
Дар паси меҳи абад ёбам.

Ёри болотар зи диданҳо,
Тарҳи ту дар хуни ман ҷорист.
Сад ғам аз сад қарн мегӯям,
Лек паҳлӯям ҳамон холист.

Ман ба истиқболи худ рафтам,
Ранги ғам мерезад аз шабҳо.
Сард шуд маҳтоби лағҷида
Дар канори ғори кавкабҳо.

## ЁДИ НИСО

Аз ту, эй рӯшантар аз нури ҳақиқатҳо,
Сояҳо бо завқи озодии худ растанд.
Дар паси деворҳои нарми ишқи ту,
Шуғли зебои нигаҳро чашмҳо бастанд.

Эй, ки огандаст ашки дардрези шеър
Ҷумла айёми тиҳии олами ғамро.
Шохаи пурхори танҳоист марги ту,
Метаровад хуни армони вуҷудамро.

Эй чароғи рӯшане дар мазраи хомӯш,
Дар шаби афсонаҳо анвори ту пайдост.
Зиндагӣ оғози марг аст, эй азизи ман,
Марг ҳам зебо дар айёми ҷавониҳост!

Эй, ки дар бобуназори нилии руъё
Духтари танҳотарини осмонҳоӣ!
Баъд аз инат мӯъҷизе дар шеър бояд гуфт,
То шабе аз расми деворат бурун оӣ.

## ПАРВОЗИДУНЁ

Мурғобии сапеди маҳ аз ғояти сукут,
То умқи мавҷҳои замон меравад фурӯ.
Дар қуллаи қалам чу гули шаб шукуфтаам,
Оре, манам таҷаллии маҳтобранги ту.

Кам монд ин диле,ки чакидаст умри зуд,
Беҳуда дар ҷазираи тӯфонии ҳаёт.
Аз шеъри ман бурун шаву дасти маро бигир,
Як барги лоларо ба кафат монам аз нишот.

Афшурдаҳои ёди ман имшаб зи дидаам,
Чун накҳати латиф тарашшӯҳи сабз буд.
Аҳтори хун чакида зи ангуштҳои мо,
Гӯё ба лобалои танам сабки набз буд.

Гардун чу мурғи шонакабуди сапедсар,
Боле фурӯ хамида ба атрофи хокдон.
Тухми сиёҳи хок таҳли болҳои ӯ,
Рӯзе кушуда мешаваду мепарад ҷаҳон.

## ШАБЕ

Ҳамчу маҳ саршор аз мазмуни оташ
Шеъри танҳоӣ навиштам, шеъри руъё.
Баъди хокистар шудан мисли Самандар,
Ногаҳон бархостам бо завқи фардо.

Мондаӣ он сӯи шаб,эй марди анвор,
Эй калиди сандуқи чашмони хобам!
Ин сияҳзоғони хоби тирамаҳро
Шуғли шоҳин бахш дар авҷи саҳобам.

Эй, туро рӯида чашмам дар нигоҳе,
То шукуфтанҳои маҳтобе ба саҳро.
Эй, туро ҷӯида хоҳиш дар умедам,
Дар умеди рафта бо дирӯзи дунё.

Дар раҳи дури уфуқ наздики шабҳо,
Дастҳо бишкуфтаам то ту намоӣ.
Чун дари дил чашмҳоямро кушодам,
То ба даҳлези дилам осуда оӣ.

Мурғи оҳе аз қафас бинмудам озод,
То бичинад донаи ашкам саросар.
Меравам дастам ба дасти хоҳиши ту,
То ба кунҷи субҳи уммеди мунаввар.

## БА СӮИ ХУД

Сарҳади шаффофи равзанҳои манзилро
Шомҳо бастам ба рӯи ваҳмҳои дур.
Бишканад боли насими тирамоҳи пир
Лаҳзае, ки мерасад бар шишаҳои нур.

Дар қарори мурдаи шабҳо хаёлатро
Иффате бахшидаам аз резиши хашмам.
Лек тарсидам, ту, эй дар қалби ман хомӯш,
Бо сиришки ғам наойӣ берун аз чашмам.

Медамидам зинаи беохири шабро
Шеваи зебои оҳе дар дилу гесӯ.
Шоядам қабл аз сукути ҷисм меояд,
Остони охирине, ки расад бо ӯ.

Зиндагӣ себи зидастафтодаи ман буд,
Рафта то қалби наботиошёни дур.
Ман ба чашми во надидам зиндагониро,
Пас чиҳо диданд барҷомондагони кӯр?

Ин мане, дар қасри танҳойии хомӯшат,
Нуқтае аз сақфи ин ҷо нур мерезад.
Инак, инак рӯҳи ман дар партави хуршед
Сӯи ту, яъне ки сӯи хеш бигрезад.

## ИҚТИБОСИ УМЕД

Аз дарахтони бешаи пиндор,
Завраҷе сохтам ба азми сафар.
Меравам то ба соҳили ёдат
Шабнамолуда бо саодати дигар.

Эй фурудомада ба боғи хаёл,
Аз куҷо омадӣ ба ин манзил?!
Нест ҷое бидуни ҷойи Худо
Дар диёре, ки ҳаст номаш Дил.

Ишқро бишкуфам дар оҳи чаман,
Ман зи дарки муҳаббати хуршед.
Лаззати рангро чашида назар,
Иқтибос оварад зи шамс умед.

## НАКҲАТИ ҒАМ

Мазраи танҳойии шаб бӯи хун дорад,
Медамад то хонаи эҳсоси чашми чор.
Ин азизи шишагар аз санги сабри ман,
Хунбаҳои ашк месозад ба рафти кор.

Дар талоши матлаб ояд то ба шаҳри дил,
Ваҳдату дастобадастии талабҳоям.
Ин зиёраткардагони умкӯтоҳе
Бо фано печида дар он сӯи лабҳоям.

Саргиреҳ аз риштаи шаб бе назар ҷӯям,
Шуғли субҳ андар ниҳодам шӯъла афрӯзад.
Орзу бо ҳиммати оташ ба торикӣ
Хештан дар хамӯшӣ месӯзад.

Накҳати ғамро шамидам аз гули чашмат,
Муй хатти сарҳади оинаро бӯяд.
Изи пои поки танҳоийст дар ин ҷо,
Нақши тасвире, ки аз аҳволи ман гӯяд.

## БЕШАИ ПИНДОР

Бо ғубори зарҳалии ҷодаи хуршед
Аз раҳи анвор меоям ба суй ту.
Ҳамчу май аз шиша бар ҷому аз он бар дил
Меравам аз худ ба шеъру пас ба кӯйи ту.

Оҳ, эй Мозандарон, эй бешаи пиндор,
Ҳастият меоди рӯҳи Ҳофизу ман бод!
Атри ту бӯи Худои зиндагиовар,
Набзи ту хуршедро оҳанги будан бод!

Ҳамчу анбӯҳи сапеди бозҳои пир
Ҳаври ту чун оҳ аз қалбат бурун ояд.
Рӯ ба суй абрҳои коғазии дур,
Ҷониби исторахо- тифлони маҳ шояд.

Кош, боре чашмҳои қаҳвагуни ман,
Чун ҳазорон чашми шаб бинад самоятро.
Дӯстат дорам ба қадри ҳашт сайёра,
Ҳам замине, ки бибӯсад пойҳоятро.

Зарраи хоки хаёлам аз ту пинҳон нест,
Партави хуршеди дунёи хаёли ноз!
Буданат оғози оғозест бефарҷом,
Пораи ҳусни сукути субҳи нимоғоз!

## ҲАСТИИ ПИНҲОН

Ман дар сари ғурури яке обшори кӯҳ
Бишкастаам ба сахраву пошидаам чу набз.
То сангро дамидаву гулсанг гаштаам,
Пӯшидаам ба ҷисми дуруште қабои сабз.

Шояд ки дар баландии боруи кибри худ,
Бо дурбин нигоҳ, кунӣ роҳи ёдро
Шояд бубинӣ наврасии рафтаву чу ман,
Созӣ раҳо зи ҳабсгаҳи хеш додро.

Эй бод, мевазӣ ба тазоди замонаҳо
Аз тарфи Ғарб ҷониби Шарқи сафову нур!
Манро ба наврасии қафомондаам расон,
Яъне, бубар чу ёд ба паҳнои Шарқи Дур!

Ин роҳи хунчакидаи Маҷнуншамидаро
Сарҳад гузор, кас нашавад раҳгузори он.
Ҳезумкашон аз ин маҳали дардкошта
То ҳол мекашанд ба анбона устухон.

Ман ҳазм гаштаам ба тани ваҳшу сарди ғам,
Дар бешаҳои ёд маро ҷустуҷӯ макун.
Балки нигини гумшуда дар қалби моҳиям,
Дар шаст ҳеҷ моҳии сере нашуд бурун.

## ГУЛИ ТИРАМОҲ

Ман чӣ сон гӯямат, азизи азиз,
Рози дилро, ки бо ту менозам.
Гунгаму баҳри шодии матлаб
Аз даҳ ангушт як забон созам.

Аз садои ҳазини як ғиҷчак
Гиряамро шунав шабонгоҳон.
Лаҳзае мешавам бурун аз расм,
Меравам аз табиати беҷон.

Ман гули тирамоҳи фарёдам,
Зиндагӣ додааст барбодам.
Ман ягона ғами туям, эй Ишқ,
Ту ягона ғами манӣ, шодам!

Хешро ёфтам шабе дар ту,
Баъди анҷоми роҳи худкобӣ.
Шеър меоди ақлу эҳсос аст,
Ин туӣ , сатрҳои маҳтобӣ.
Ин туӣ......

## ГУЛИ ХУЛОСА

Дар тирамоҳи ранҷиши рангистон
Хобидаам кунун ба канори худ.
Рӯ сӯи ашк мебарадам охир
Ҳаҷри ту лаҳзаҳои қарори худ.

Ҳоло мане, ки то ба ҳанӯз аз ту
Уммеди бозгашти назар дорам.
Дар кӯчабоғи пурнами ёди ту,
Чун орзу ҳавои гузар дорам.

То як гули хулосаи поизам
Дар эътибори заъфарии гулшан.
Бар чашмҳову панҷаи ту зулм аст,
Гулро нигаҳ накардану нашкастан.

Бишкан, ки мунтаҳои шикасти худ
Пайванди ҷовидони адам гардам.
Дар қулзуми таассуфи моҳи шаб,
Нилуфаре ба соҳили ғам гардам.

# БОДБОДАКҲОИ БЕПАРВО

*(Аз дафтари ғазал)*

## ОСМОН ОИНАБАНДӢ МЕКУНЕМ

Қадри миллат хайма дар маҳтоб зад,
Ишқ дар кунҳи дили мо тоб зад.
Шуд Арастуи замонро ибтикор,
Оина дар об гардид ошкор.
Гарчи мақсуд аст моли тангёб,
Рӯ ба сӯи муддао бояд шитоб.
Эй шабеҳи аввали маҳтоби шаб,
Оташи рӯида дар гирдоби шаб.
Нусхаи худ дида бонуи фалак,
Об гашту ҳамватан шуд бо самак.
Мумкиноти қудрати халқи манӣ,
Бозтоби нусрати халқи манӣ.
Эй чанори нур рӯидӣ дар об,
Шохаҳоят мерасад то моҳтоб.
Дар насиме, ки ба сӯят меравад,
Сад салом бар ҷустуҷӯят меравад.
Кунгури айвони дарё гаштаӣ,
Парчами болои дунё гаштаӣ.
Маншаи нерӯи армони Ватан,
Сояпарвар гашта дар ҷони Ватан.
Об аз эъҷоз гулхан кардаӣ,
Хонаи андеша рӯшан кардаӣ.
Оташэҷодиву бехокистарӣ,
Оини Зардуштро мепарварӣ.
Омадӣ, эй раҳгузори ибтидо,
Субҳи мо бо ту надорад интиҳо.
Мавҷэҷоде чу Қорун мешавем,
Қатраҳои оби Роғун мешавем.
Тоҷикон, мушкилписандӣ мекунем,
Осмон оинабандӣ мекунем.

* * *

Истгоҳи сабзи фурсатҳост, сулҳ,
Ишқ бастан бо ҳама дунёст, сулҳ.
Инфиҷори субҳи бешоми фалак,
Бодбодакҳои бепарвост, сулҳ.
Олами гулсангии бозичаҳо,
Кӯдакиву пирии зебост, сулҳ.
Накҳати боғи хиёли Кирдугор,
Дар гиребони гули фардост, сулҳ.
Шаш раҳи исторарези бехатар,
Хизри дар чашми ҳама пайдост,сулҳ.
Ё ки такрори шукуфтанҳои ҷон,
Дар баҳори мазраи болост,сулҳ.
Оинизорасту тасвири сурур,
Огаҳӣ аз покии саҳрост, сулҳ.
Ҷуз нафас дигар кашокаш нест, нест,
Мӯҳр бар кунҷи лаби ғавғост, сулҳ.
Ишқ таъниси ҷаҳону кибриёст,
Акси маҳ дар соғари дарёст, сулҳ.
Ё нахустин нусхаи поки Худост,
Ё намози меҳри бедаъвост,сулҳ.

* * *

Рафтам ба сӯи оина дидам, ки боз ту,
Сад осмон таҷаллии лутфу ниёз ту.
Гуфтӣ, ки чист зиндагӣ? Гуфтам: туи фақат,
Яъне, ки обу оташу хоку фароз ту.
Бардор офтоби дилам, уфтодаест он,
Эй соҳиби тараннуми оҳанги роз ту.
То пуррагии маҳ фақат як дақиқа монд,
Меоӣ то ба сояи шабҳои ноз ту.
Имрӯз ҳам гузашт ба ёди туи азиз,
Фардо биё ба силсилаҳои намоз ту.

Дар ғори лолаҳои сапед оҳ мекашам,
Сар мезанӣ чу ишқаи хуршедбоз ту.
То бӯи боғи зиндаи ёдат шамидаам,
Ғарқ аз оламу сабаби эътироз ту.
Як марг кофӣ ҳаст ба ду ошиқи асил,
Монам, ки нӯши шарбати умри дароз ту.

* * *

Туро, ки мечакам ҳанӯз ба ибтикори ёдҳо,
Ҷаҳон ба ғам гузошта гузаштаанд шодҳо.
Чӣ панҷа буду бардарид коғази сиёҳи шаб,
Аз он дарича рехта сабоҳи эътиқодҳо.
Дар имтидоди осмон, ки изтироби саҳл шуд,
Як абр буду мефитад ба ҳалқаҳои бодҳо.
Чӣ чашм буд,ки шӯъла зад ҳар он чӣ дид бо умед,
Парандаки шарора шуд масоҳати ҷиҳодҳо.
Фазо даруни зарра гашт,аср ҳам дақиқа шуд,
Ба мунтаҳо расида буд вақти мустафодҳо.
Замини пушти по фитод қаъри безамонае,
Мурури инфиол шуд зиёрати ибодҳо.
Расида бар чароғи маҳ сукути гармам орзуст,
Биё,ки гиря кардаам ба марги эътимодҳо.

* * *

Шамс меравад маҳзун шаб ба уфқи хунолуд,
Дар кушудам оҳиста то бигӯямат падруд.
Меравам ба дури дур омадан пушаймонист,
Низ ин пушаймонист гар тавонам он ҷо буд.
Соя мебарад моро зери ҳолаи маҳтоб,
Ишқ метанад дилро то маро кунад мавҷуд.
Лолаи куҳистонро тоби сарду гармӣ ку?
Бо ту зуд мемирам, бе ту мешавам нобуд.
Рӯ ба рӯи ту эй бахт, рӯ ба рӯи дунёям,
Рӯ ба рӯи чашми ишқ, эй ситораи масъуд.

Халқ агар туро ҷӯяд дар ниҳояти пазмон,
Ҷои туст ҷони мо, з-он намешавӣ мардуд.
Саркашӣ макун дигар, аз дилам ҳунар омӯз,
Бехабар зи тақдирӣ, гаштаӣ маро масдуд.
Қиссаи туро охир мебарам ба гӯри хеш,
Медиҳам ба гӯши хок ин фасонаи мавъуд.
Ту маро ба имрӯзат мону сӯи фардо рав,
Чун маҷоли рафтан нест мешавад сафар маҳдуд.

* * *

Сабо, ки даст ба рухсори гул кашида гузашт,
Шамими чоки гиребони ӯ шамида гузашт.
Чу дона рақскунон рустаму баҳор шудам,
Ки шамси доиразан пеши мо хамида гузашт.
Ба феъли шоҳии худ сайри ид барпо кард,
Чӣ гуна ид шуд ин, ки маро надида гузашт.
Баҳор диду ҷаҳоне зи хома берун шуд,
Фасонае ба таманнои мо расида гузашт.
Зи бӯи лолаи дил ёфт ин баҳору вале,
Гуле зи пираҳани сурхи мо начида гузашт.
Дар ин баҳор касе фикри неши хор накард,
Ки остини қабои маро дарида гузашт.
Ҳақиқате,ки сурудам хиёл буду халос,
Ҳамон хиёл, ки аз арши мо парида гузашт.

* * *

Бидуни дидани Ту нест чора,
Пиёда пешат оям ё савора?
Туро дар истгоҳи маҳ чӣ корест?
Ки ин ҷо мунтазирон бешумора.
Туву истораҳову боли парвоз,
Ману даштеву фарёди қатора.

Чу аз ёди ту рӯидам дигар бор,
Ба хоки рӯишам хезад шарора.
Ғаму ҳаҷри ту дар дастони фикрам,
Чӣ ширин мехурам ин меваҳора.
Дареғо бо ту номаънус мондам,
Дареғо пир мегардад ситора.
Кашидӣ ҷузв-ҷузвам сӯи боло,
Салом,эй Каҳкашони пора-пора.
Азизо,мурдаам қабл аз ту аммо,
Дили ман бо ту мемирад дубора.

* * *

Чашм сӯи баҳор мемонам,
Офтобиқтидор мемонам.
Мижа барҳам зану шамолам деҳ,
Бенафас дар мазор мемонам.
Ҳастиям инфиоли дарёҳост,
Пайкари зарнисор мемонам.
Зери бобунарези рӯъёе
Сабз дар чашми ёр мемонам.
Ишқ бар ҷон расиду ҷон бар лаб,
Оташе дар сигор мемонам.
Хоб дидам,ки куртаам танг аст,
Боз ҳам интизор мемонам.
Рӯзи васли ту нест дар тақвим,
Дурр аз рӯзгор мемонам.

* * *

Барг аз дарахт рехт ба эҳсоси обҳо,
Истора мефитод ба меҳроби тобҳо.
То дар канори силсилабанди дақиқаам,
Дорам сафар ба қуллаи субҳи Тагобҳо.
Маҳтоб ҳам нишаст ба ҳавзи сукути чашм,
Ҳошо,ки реша кард гуле дар шаробҳо.

Симурғи шом,боли зарини туву сукут
Бар Чини ишқу ёду ҷунуну шабобҳо.
То он замон,ки донаи хуршед сар кашад,
Сар мекашад нигоҳ аз аъмоқи хобҳо.
Моро бурун намуда зи феҳрасти эътиқод,
Дар гирудори боду шикасти ҳубобҳо.
Ё ки сукут кушт маро оқибат ба меҳр,
Ё ки садо ғунуда таги изтиробҳо.
Бояд, ки об хирмани сӯзони маҳ барем,
Дар пушти Қоф гум шуда аммо сақобҳо.
Мурдаст зиндагонӣ зи андӯҳи чашми ту,
Гӯре нигоҳ кофта буд дар саробҳо.

* * *

Гуна-гуна тасвирӣ дар канораи шабҳо,
Дона-дона асрорӣ ё анораи шабҳо.
То таассуфэҷодам ҷони бешарӯъёӣ,
Сабз аз ғамат сӯзам дар шарораи шабҳо.
Турнаи қафомонда аз шақовате маҳ шуд,
Лонаи қазо бинам дар манораи шабҳо.
Хилвати ҷиҳод аз оҳ тирборише дорад,
Нур резад аз қалби пора-пораи шабҳо.
Покашидаи боме мепарад ба сӯи Ту,
Моҳ дар таковар буд шаҳсавораи шабҳо.
Рехт ранги шаб аз шаб,пур шуд оламе аз таб,
Мӯи хеш ороям бо ситораи шабҳо.
Дасту пои фурсатро бастаму сафар кардам,
Самти безамоният бо қатораи шабҳо.

* * *

Шукӯҳи расми ту дар лавҳи ҷовидон монад
Дар ошёни муаммои ту нишон монад.
Ҳуруфи номи ту бо ранги хуни шарёнам,
Ба пеши куртаи нури фариштагон монад.

Ба нӯги пой мазан тӯби чарми дунёро,
Замин агар бипарад,изи пои ҷон монад
Дилам,ки душмани ҷон шуд бигирамаш ин бор,
Чунон ҳаво диҳамаш то дар осмон монад.
Аён-аён ҳама олам ба рӯи мизи ту ҳаст,
Муҳандисиву ҳамин тарҳ аз ҷаҳон монад.
Агар ту даст ба сӯи само биафрозӣ,
Фазои хоми шабҳову лолабон монад.
Нигаҳ ба ҳамҳамаи баҳрҳо макун дигар,
Ки мурдаоб падид ояду такон монад.
Ҳаво ҳавои танаффус набуду паҷмурдам,
Чаро накандӣ маро то диле ҷавон монад?
Биё,ки сарф шудам бе ту зарра-зарра дигар,
Зи хеш хок фузудам,ки хокдон монад.

* * *

Сӯи ишқат ҷуз нигоҳе ҷода нест,
Хонае зеботар аз саҷҷода нест.
Ҳазм мегардад насиме дар нигаҳ,
Мавҷи анфоси тари шаббода нест.
Бо ҳамон тахти равони осмон
Ҳеҷ Ҷамшеде чу маҳ афтода нест.
Бас набуд андӯҳи дидан чашмро?
Ки барои ҷони мо сарвода нест.
Хешро маҳкуми бандат кардаам,
Ҳеҷ як андешаи озода нест.
Мерасад айёми истиғнои рӯҳ ,
Дил барои диданат омода нест.
Ман саҳар бар зиндагонӣ омадам,
Омадӣ бегаҳ,ки нуру бода нест.

* * *

Маҳ охир лола шуд аз мавҷи табҳо,
Дили кӣ метапад дар зулфи шабҳо?
Зи кунҷи хилватам рӯид як шаб
Гуле, чун ҳарфи ишқ аз бурҷи лабҳо.
Барои ду нафар як ном монед,
Ки ваҳдат унс гирад бо насабҳо.
Нафас ҳам тули як роҳи ҷафо буд,
Нагуфтам соҳатеро бо ваҷабҳо.
Ба оби дида шӯям даст аз даҳр,
Ки ҳам ғам дилбазан шуд ҳам тарабҳо.
Шамоле бурд барги сабзи рӯҳам,
Куҷо шуд боргоҳи ҷонталабҳо?
Надодӣ як баҳона то бимонам,
Ман акнун меравам бо ин сабабҳо.

* * *

Оё ҷавонӣ буд,ки гӯем зи сар гузашт
Дар партави сапеди сукуте садот буд,
Яъне ки хоб низ ба ёди саҳар гузашт.
То бохабар шудем зи номи накӯ-ш,ишқ
Дар ногаҳони ҳасрати мо чун хабар гузашт.
Гуфтӣ,ки шарқи пайкари моро чароғ нест,
Буду зи раҳгузори дилам бебасар гузашт.
Ман бо кулоҳи лола нишастам ба рӯи роҳ,
Ин корвон зи ҷодаи дури дигар гузашт.
Ҷоно,нафас набуд ба ҳангоми ҳаҷри ту,
Найзори ишқ сӯхту таъми шакар гузашт.
Обе агар мусофири андешаат бихост,
Беҳуда рехт,он сафарӣ дар сафар гузашт.

* * *

Аз ту, аз ту медонам марги аввалинамро,
Баъди макси дил дидам будани навинамро.
На, намурдаам, бахшой, душамани азизи ман,
Дар канори худ дорам узри нозанинамро.
Чодари сиёҳи ғам, бар сари замин афтод
Саҳфае набуд резам, ҳарфи остинамро.
Ин ҷароҳати рӯҳам аз куланги маънӣ буд,
Ку нафас, ки пур созад ҷӯям ҷабинамро?
Санги сабри мо гул кард аз нами баҳори чашм,
Орзу нигаҳ дорад ишқи махмалинамро.
Коиноти андӯҳе мефитад ба боми дил,
Лола медамад рӯзе фарши мармаринамро.
Савсани намози ёд атри шаб намуд эҷод,
Эй сабо, куҷо бурдӣ мушки беҳтаринамро?
То раҳо шавад субҳе аз канораи чашмам
Охири шаб эҳё кун дидани заминамро.

* * *

Ту биё ба сӯи дида гули ашк чида-чида,
Ки мабод раҳ кунӣ гум чу савори раҳнадида.
Зи ҳароси ҳусни чашме, ки муҳити бекарон аст,
Нигаҳе нигоҳ дорам чу маҳи зи шаб рамида.
Ва дамидаам саҳарро, ки панаҳ наҷӯӣ аз мо,
Ҳама хонаҳо пур аз нур ҳама пардаҳо дарида.
Назарат танаффуси ишқ агар аст мешуморам ,
Чӣ фароғатест моро ба мақоми ношанида.
Ману ин ҷасорати ҳис туву заъфи бенишонӣ,
Дилу холигоҳи бовар лабу чашми ночашида.
Ба пиёлаи пур аз маҳ бигузор заҳр пошам,
Ки ҷаҳони сахт бемор равад аз фурӯғи дида.
Ману ту зи беҷавонӣ чу қиёми сидқ оем,
Ба тафаккури ҳамоне, ки зи нокуҷо дамида.

* * *

Хумор мешиканиву сурур месозӣ,
Ба ҷони зори заъифон чӣ нағма пардозӣ.
Қасам ситоратарин шоми ишқ гуфта будӣ,
Ба гирди ҳавзи қамар як фариштаи розӣ.
Самои мову ту дигар ҷудост, осон нест,
Ки ман кабӯтари нозам ту сурати бозӣ.
Ба холигоҳи ниёзам ҳанӯз бӯи ту ҳаст,
Туе, ки пур зи садову тиҳӣ зи овозӣ.
Биканд оина дилро зи меҳани девор,
Маро дубора дар он рӯй, гар пурэъҷозӣ.
Ғаме, ки ҷоми лаби ишқ буд, туӣ, ту ҳанӯз,
Ту мастие,ки ҳушамро навои парвозӣ.
Туӣ ҷавоби суоли мусофирони ғамин,
Ки бо нигоҳи савобат гуноҳ месозӣ.
Агар ба ҳукми адаб сабр гашт фарёдам,
Садои маҳкамаи роз дар дили Нозӣ.

* * *

Вақт танг омад, нигаҳро дар таҳи по рехтанд,
Дар намози муслимон оҳанги даъво рехтанд.
Аз сукути орифона омадам то назди ту,
Заҳмати ғавғои по дар роҳи фардо рехтанд.
То баҳамистон ҷудоӣ гашт дар пиндори мо,
Васлро аз ҷони мо бар ҷони дарё рехтанд.
Осмон дар чашмҳоям мунтаҳо гум кардааст,
Ё парастуҳо таваҳҳумро ба маъво рехтанд?
Он чӣ боло буд, боло монд аз рӯзи азал,
Эътибори зиндагӣ дар пои уқбо рехтанд.
Шуғли тақлиди маҳ асту шоми чашмони тарам,
Шабнами шабзиндадорӣ аз дили мо рехтанд.
Дар тулӯи як гули хотир ба шаҳри номҳо

Ахтарони осмони чашми мино рехтанд.
Оламе аз ваҳми хушкидан саропо об шуд,
«Соҳили гумгаштаи моро ба дарё рехтанд. » [1]
Зиндагиям бе ман аст, аз Гул маҷӯедам дигар,
Хуни мо дар ҷӯяи рагҳои дунё рехтанд.

* * *

Эй қиблаи чашмҳои покам,эй матлаби гарми изтиробам,
Гумгаштагии саодатам бин, оинаи пурсафои хобам.
Эй дуртарин хаёли ширин,наздиктарин таборат астам,
Дурию валек рустаӣ ту дар ҳавзи сукути чашми нобам.
Пир аст дилу ҳанӯз танҳо бозии ҳаёти хеш дорад,
Шояд ки барои ӯ рафиқе то фурсати ҷовидона ёбам.
Эй матлаби шеър чун Арасту пардохтаам ба кашфи ҷонат,
Чун пайсипари ҷаҳони ишқат аз ғояти иштиёқу тобам.
Бар хилвати тори инзивоям дасти саҳаре бигиру боз о,
То боз кунам ба захмате хуш чашмони ғамини рӯзкобам.
Ё накҳати боғи бахр имшаб бар вусъати рӯи мо нишастӣ,
Парвоз намуда мавҷи зебо аз мӯи латифи қаҳватобам.
Маҷмӯи ғубори ошиқонам дар ҷодаи инқилоби ҳайрат,
То шакл шавам дубора резон як қатра зи чашмҳоят обам.

* * *

Ту, эй ҷаҳони мукаммал,ту эй хати ҷонам,
Ту ҳам муҳофизи рӯҳи манӣ,ҳам имонам.
Ту, эй таронаи бовар сурудаи субҳӣ,
Ки вожарези хаёли ту карда ҳайронам
Ба зери шамсияи нилгунаи ёдат,
Чу занбуруғи ниёиш хумори боронам.
Дило,набуданият кулбаест вайрона,
Ки ҷуғдро дами иди нав аст, медонам.

---

[1] Мисраъ аз Мирзо Бедил

Баҳор мерасад,эй лола аз сафар боз о,
Ки бедилӣ шуда имрӯз зеби гулдонам.
Сиришкам омаду аз чашмҳо нагун афтод,
Зи дасти маст фитодаст ҷоми ларзонам.
Сафар зи чашми ту оғоз мекунам рӯзе,
Ба зиндагии пас аз марг ибтидо монам.

* * *

Мисраи матлаи маро содӣ,
Ояти охирини имдодӣ.
Даст бурдам ба сӯи оина,
То туро баркашам аз он водӣ.
Нашъаи ёди ту тааммул шуд,
Лаҳзае банд кардам озодӣ.
Дар ибодатгаҳе, ки яктоист,
Ту миёни сукуту фарёдӣ.
Ҷони ман дар самост андарво,
Аз ҳад афзун намудаам шодӣ.
Субҳ аз равзанам хабар бигрифт,
Медамад ранги поки ободӣ.
Зиндагонӣ садои олам буд,
Боз зангӯла мезанад ҳодӣ.
Оламе пур зи туст, эй якто,
Ман надонам ту бар чӣ теъдодӣ.
Диҳамат он чӣ дар дилам боқист,
Ивази он ки буданам додӣ.
Дар таги Бесутуни афсона
Сурху сабзӣ, анори Фарҳодӣ.

## ВАНҶ

Мо ғарқи дӯстӣ шудаем, дар диёри Ванҷ
Гумкардаем нафас будаем, дар канори Ванҷ.
Аржанги хотирот пур аз иқтибос шуд,
Аз мазраҳои сабзу сафеди навори Ванҷ.
Бӯсидаем моҳ дар айвони тоҷикон,
Ин кори чашм буду шуд оинадори Ванҷ.
Ин ҷо сукут хоби дарахтону боғ нест,
Оромишест дар шаби шодихумори Ванҷ.
Атрест дар димоғи муқимони шабдара,
Аз гесувони нукрагии обшори Ванҷ.
Ишқе, ки ҳадя кард ба мо зиннати дигар,
Ошиқ шудасту сайр кунад дар баҳори Ванҷ.
Гуфтанд навбаҳор аз ин ҷо намеравад,
Хуршед, яъне ошиқи овозадори Ванҷ.
То мерасад ба арш бухори сапеди кӯҳ,
Сад шӯъла лола медамад аз қулласори Ванҷ.
Ман ҳам баҳор гаштаму рустам зи бистарам,
Дар субҳи ваҳдатогаҳу деринтизори Ванҷ.

* * *

Дирӯз ёди номи гуфтушунид шуд,
Имрӯз омадиву дар мазра ид шуд.
Ҳар ҷо, ки по ниҳодаӣ шуд меҳрзори сабз,
Ҳошо дило, ки фурсати рӯзи ҷадид шуд.
Ту пора- пора рафтиву чун шамси рӯи боғ,
Якбора омадивӣ, ки фазоям сафед шуд.
Роҳат куҷост, эй ба кафат оташи кабуд
Овардаиву шоми ҷафо нопадид шуд.
Наққош гӯ, чигуна кашидӣ ба чашми ӯ,
Ишқе, ки дар сукути ҷабинам умед шуд.

Ҷоно фанои тобиши ғамҳо фаро расид,
Завқи ҳузури шодии мо ҳам шадид шуд.
Аз роҳи Каъба гаштану рафтан ба сӯи дил,
Дар партави хаёли тари Боязид шуд.
Куштӣ маро ба пеши ману дар хиҷолатам,
Хунам ҷароҳати сари кафши сапед шуд.

* * *

Рафтам ба сӯи оина,дидам ки боз ту,
Сад осмон таҷаллии лутфу ниёз ту.
Гуфтӣ ,ки чист зиндагӣ?Гуфтам: Туӣ фақат,
Яъне ки обу оташу хоку фароз ту.
Бардор офтоби диламро ,ки мефитад,
Эй соҳиби тараннуми оҳанги ноз ту.
То пуррагии моҳ фақат як дақиқа монд,
Меоӣ то ба сояи шабҳои роз ту?
Имрӯз ҳам гузашт ба ёди туи азиз,
Фардо би ба силсилаҳои намоз ту.
Дар ғори лолаҳои сапед оҳ мекашам,
Сар мезанӣ чу ишқаи хуршедбоз ту.
То бӯи боғи зиндаи ёдат шамидаам,
Ғарқ аст оламу сабаби эътироз ту.
Як марг кофӣ ҳаст ба ду ошиқи азиз,
Монам,ки нӯшӣ шарбати умри дароз ту.

* * *

Ёди ту сутуни осмонбардор аст,
Ин меҳвари зиндагӣ хати анвор аст.
Боде,ки наёфт оташи чашми маро,
Аз бод шудан ҳамеша дар озор аст.
Чун гард ба рӯи ҳеж мегардам боз,
Ин тозии ноаёни ман пурбор аст.

Он дӯст сияҳ кунад маро ҳам хуршед,
Сад ҳайф,ки ӯ ба офтоб ҳамкор аст.
Тайёраи коғазии вилгардшуда,
Н-омад ба кафам,ки жода ноҳамвор аст.
Он бастаи пуффаке,ки рафт аз дастам,
Тифлист,ки маҳнаварди ҳасратбор аст.
Ман лоиқи қисса гаштаам,ёдам кун,
Ҳарчанд ки ишқ номаи такрор аст.
Ҳам бо туву ҳам бе ту набошад осон,
Гап дар сари он ки зиндагӣ душвор аст.

# ШАБАМРО СОЯИ МАҲТОБЗАН БУД…

*(дафтари дубайтӣ)*

Хасе раҳгум заду гирдоб омад,
Ғизо гӯё даҳони об омад.
Сафар аз ашк омӯз, эй мусофир,
Ба хок афтоду аз маҳтоб омад.

Лаби рӯди хаёли ту бирӯям,
Ки себи матлабат орад ба сӯям.
Набудам ҳеҷ гаҳ дар хонаи Маҳ,
Ки ҳарфе аз сари истора гӯям.

Ғизои тифли уммедам шаранг аст,
Табиби ӯ ғами дармонранг аст.
Шикастан кори мушкил нест, ҷоно,
Чунонки модари оина санг аст.

Барои ҷустуҷӯят ишқ бол аст,
Туро дидан таманнои завол аст.
Гузар аз сарҳади пиндор кардам,
Ба худ баргаштанам амри муҳол аст.

Ба худ гуфтам: Чаро аз ман фузудан?
Чаро рози хаёлмро кушудан?
Бигуфто: Чун ҳама рафтанд, рафтам
Ва одат гашт охир бе ту будан.

Маро пинҳонтар аз асрор бурдӣ,
Зи кӯи ишқ зери дор бурдӣ.
Ману ӯ ҳамсафар, аммо ба сандуқ,
Маро пинҳон зи чашми ёр бурдӣ.

Нумӯи лолаи исми ту дидам,
Зи ҳарфи зарраҳо номат шунидам.
Чу най н-овард исмат бар забонаш,
Тамоми найситонро сар буридам.

Фазоро бӯи оташ ранги ҳол аст,
Тасаввур кардани фардо муҳол аст.
Раҳи парвоз ҳам қурбонӣ хоҳад,
Чу дасти оташ аз дунболи бол аст.

Руҷӯи дасти имдод аст, афсӯс,
Сукути баъди фарёд аст, афсӯс.
Дар ин афсӯсхона марги ишқ аст,
Чароғам дар раҳи бод аст, афсӯс.

Чу ранг аз расми рӯям дур гаштӣ,
Ғамамро дидаву масрур гаштӣ.
Вале дар чашмҳоям дида худро,
Раҳе пайдо накарда, нур гаштӣ.

Ало, ҳаҷри ту санги бистари ман,
Умеди хушки ту чашми тари ман!
Садои бесадойии ту омад,
Ба ҳангоми суқути ахтари ман.

Хамӯшӣ хилъати ҷурми ҷаҳон аст,
Ҳақоиқ ошкори дидагон аст.
На бори Марям аст андар ҳубобе,
Ки зери санги соҳилҳо ниҳон аст.

Ман аз худ меравам, аммо на ҷое,
Ки рафтанд аз талоши худнамоӣ.
Ба сӯи кулбае, ки сохтам ман,
Зи хоки хешу ашки мубталое.

Шаҳиди роҳи сабрат кардаам ман,
Ба хоки хеш қабрат кардаам ман.
Агарчӣ зинда гардидӣ ту, хоҳиш,
Дубора қасди ҷабрат кардаам ман.

Дари чашмони ман во мешавад боз,
Нигоҳам сӯи матлаб меравад боз.
Зи байни мардуми чашмонам аспе,
Ба паҳнои хиёбон медавад боз.

Маро дурӣ зи мардум факри ҳол аст,
Ва имкон мурғаки беҳолу бол аст.
Канори қоиқу ваҳму сукуте,
Таҳаммул кардани баҳр эҳтимол аст.

Паём оварда оби чашма ҳар бор,
Зи кӯҳи меҳр то эҳсоси гулзор.
Сиришки ғамнигаҳдори ту бошад,
Ҷилои қатраҳои баҳри пиндор.

Нафасгумгаштагиям роз бошад,
Сиришкам розро оғоз бошад.
Ниёзи орзуи орзуям
Ба даст овардани Гулноз бошад.

Ҳамеша дар талоше метапад дил,
Сиришти мо зи ашку хоҳишу гил.
Зи бахту шеър бояд интихобе,
Ҷаҳидан аз ду девор аст мушкил.

## МУНДАРИҶА

Баъди як аср ту меоӣ… *(дафтари шеъри сапед)* ..................... 3

Шаб фазои гумшуданҳо нест *(дафтари чаҳорпораҳо)*.......... 65

Бодбодакҳои бепарво *(аз дафтари ғазал)*............................. 77

Шабамро сояи маҳтобзан буд *(дафтари дубайтӣ)*.............. 92

**ГУЛНОЗ**

**ШАБ ДАР ПАСИ МАН БУД...**
*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*

Ба матбаа 7.06.2011 супорида шуд.
Чопаш 9.06.20011 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 6,0. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734018. ш. Душанбе,
кӯчаи Н. Қаробоев 17а.